# НАМУНАИ

**саволу масъалаҳои тест**
**аз фанни таърих**
**(имтиҳони қисми А)**
**ИМД 2025**

РОЙГОН.
Дар сомонаи www.ntc.tj

## САВОЛУ МАСЪАЛАҲО БО ИНТИХОБИ ЯК ҶАВОБИ ДУРУСТ

### ТАЪРИХИ ХАЛҚИ ТОҶИК

**1** **Кадом соҳаи илми таърих дар асоси ёдгориҳои маданияти моддӣ таърихи қадими ҷамъияти инсониро меомӯзад?**

**A)** мардумшиносӣ
**B)** забоншиносӣ
**C)** бостоншиносӣ
**D)** гиёҳшиносӣ

**2** **Олотҳои меҳнат ба кадом аср марбутанд?**

**A)** асри оҳан
**B)** асри мис
**C)** асри биринҷ
**D)** асри санг



**3** **Бошишгоҳҳои қадимтарине, ки дар ҳазораҳои VI-III то милод дар соҳилҳои рӯдхонаҳои Кофарниҳон, Яхсу, Сурхоб, Вахш ва Ёвон сохта шудаанд, бо кадом ном машҳуранд?**

**A)** Маданияти Хатлон
**B)** Маданияти Суғд
**C)** Маданияти Помир
**D)** Маданияти Ҳисор

**4** **Сухан дар бораи кадом бостоншинос меравад:** ***“Дар Осиёи Марказӣ бошишгоҳи қадимтарини инсон дар Тоҷикистон - Кӯлдара дар наздикии Ховалинг пайдо шудааст, ки он миллион сол дорад. Ин бошишгоҳро бостоншинос ... кашф кардааст”*****?**

**A)** М.М. Герасимов
**B)** Ю. Яъқубов
**C)** А.П. Окладников
**D)** В.А. Ранов

**5** **Сухан дар бораи кадом бошишгоҳ меравад:** ***“Дар Осиёи Марказӣ бошишгоҳи қадимтарини инсон дар Тоҷикистон – ..., дар наздикии Ховалинг пайдо шудааст, ки он миллион сол дорад. Ин бошишгоҳро бостоншиноси тоҷик В.А. Ранов кашф кардааст”*****?**

**A)** Саразм
**B)** Кӯлдара
**C)** Тутқавул
**D)** Тешиктош

Дар сомонаи www... РОЙГОН.

**6** **Ин бошишгоҳ дар кадом ноҳия ҷойгир аст: *“Дар Осиёи Марказӣ бошишгоҳи қадимтарини инсон дар Тоҷикистон - Кӯлдара дар наздикии ... пайдо шудааст, ки он миллион сол дорад. Ин бошишгоҳро бостоншиноси тоҷик В.А. Ранов кашф кардааст”*?**

**A)** Фархор
**B)** Рӯшон
**C)** Ховалинг
**D)** Панҷакент

**7** **Аввалин сулолаи ривоятии ориёӣ.**

**A)** Пешдодиён
**B)** Селевкиён
**C)** Сафавиён
**D)** Аббосиён

**8** **Сулолаи ривоятии ориёӣ.**

**A)** Сафавиён
**B)** Селевкиён
**C)** Каёниён
**D)** Аббосиён

**9** **Маҳсули меҳнати кулолгарро муайян намоед.**

**A)** зарф
**B)** коғаз
**C)** матоъ
**D)** қанд

**10** **Маънои номи Зардушт чист?**

**A)** сарвари ойини нек
**B)** соҳиби аспи зард
**C)** нигаҳбони маъбади оташ
**D)** дорандаи шутури зард

**11** **Мутобиқи ойини маздоясно ОТАШ рамзи чист?**

**A)** ганҷинаю ҳокимият
**B)** покӣ, ҳаёт, рӯшноӣ
**C)** абадияти торикиву зулмот
**D)** рӯзи растохез

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**12** **Дар кадом дин замин, обу ҳаво ва оташ муқаддас дониста мешавад?**

**A)** насронӣ
**B)** буддоӣ
**C)** ислом
**D)** маздоясно

**13** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад: *“... аввалин империяи ҷаҳонӣ буд, ки беш аз 70 халқҳои дорои забону дини гуногунро дар бар мегирифт”*?**

**A)** Ҳахоманишиён
**B)** Сосониён
**C)** Модҳо
**D)** Кушониён

**14** **Сухан дар бораи кӣ меравад: *“Соли 550 пеш аз милод ашрофони маҳаллӣ шоҳ Астиагро сарнагун намуда, ҳокимиятро ба намояндаи дудмони Ҳахоманишӣ – ... доданд”*?**

**A)** Ҳушёршоҳ
**B)** Бардия
**C)** Дориюши Кабир
**D)** Куруши Кабир

**15** **Сухан дар бораи кадом сулола меравад: *“Соли 550 пеш аз милод ашрофони маҳаллӣ шоҳ Астиагро сарнагун намуда, ҳокимиятро ба намояндаи дудмони ... – Куруш доданд”*?**

**A)** Селевкиён
**B)** Ҳахоманишиён
**C)** Ашкониён
**D)** Кушониён

**16** **Воқеа чӣ пайомад дошт: *“Соли 550 пеш аз милод ашрофони маҳаллӣ шоҳ Астиагро сарнагун намуда, ҳокимиятро ба намояндаи дудмони Ҳахоманишӣ Куруш доданд”*?**

**A)** Давлати Мод аз байн рафт.
**B)** Ашкониён сари қудрат омаданд.
**C)** Ҷангҳои Юнону Форс оғоз гардид.
**D)** Камбуҷӣ Бобулро забт намуд.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**17** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад: “*... аз соли 550 то 330-и то милод вуҷуд дошт ва ҳудуди бузургеро аз нимҷазираи Балкан то Ҳиндустони Ғарбӣ ва қисми калони Осиёи Миёнаро дар бар мегирифт”*?**

**A)** Ашкониён
**B)** Ҳайтолиён
**C)** Кушониён
**D)** Ҳахоманишиён

**18** **Кадом шоҳи Ҳахоманишиён Лидияро фатҳ намуда буд?**

**A)** Дориюши Кабир
**B)** Куруши Кабир
**C)** Ҳашёршоҳ
**D)** Камбуҷӣ

**19** **Кадом шоҳи Ҳахоманишиён Мисрро фатҳ намуда буд?**

**A)** Камбуҷӣ
**B)** Куруши Кабир
**C)** Ҳушёршоҳ
**D)** Дорои I

**20** **Куруш дар ҷанг бо кадом қабила ҳалок гардид?**

**A)** йуҷиҳо
**B)** киммериҳо
**C)** сайрамиҳо
**D)** массагетҳо

**21** **Мақбараи Куруши Кабир дар куҷо ҷойгир аст?**

**A)** Бухоро
**B)** Балх
**C)** Посоргод
**D)** Мароқанд

**22** **Шаҳри Тахти Ҷамшед маркази кадом давлат буд?**

**A)** Ашкониён
**B)** Кӯшониён
**C)** Ҳахоманишиён
**D)** Сосониён

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**23** **Пойтахти давлати Ҳахоманишиён.**

**A)** Нусай
**B)** Тахти Ҷамшед
**C)** Балх
**D)** Мароқанд

**24** **Оромӣ забони расмии кадом давлат буд?**

**A)** Селевкиён
**B)** Ашкониён
**C)** Ҳахоманишиён
**D)** Кӯшониён

**25** **Дориюши III ба муқобили кадом истилогар мубориза бурда буд?**

**A)** Қутайба ибн Муслим
**B)** Искандари Мақдунӣ
**C)** Чингизхон
**D)** Набонид

**26** **Дориюши III ба муқобили кадом истилогарон мубориза бурда буд?**

**A)** муғулҳо
**B)** туркҳо
**C)** юнону мақдуниҳо
**D)** арабҳо

**27** **Кӣ пас аз пахши шӯриши Бардии дурӯғин шоҳаншоҳ эълон гардид?**

**A)** Куруши Кабир
**B)** Дориюши I
**C)** Ардашери Бобакон
**D)** Камбуҷӣ

**28** **Пас аз кадом воқеа Дориюши I шоҳаншоҳ эълон карда шуд?**

**A)** лашкаркашӣ ба Миср
**B)** фатҳи Бобул
**C)** ғалаба дар набарди Марафон
**D)** пахши шӯриши Бардии дурӯғин

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**29** **Соли 525 пеш аз милод Камбуҷӣ кадом давлатро забт намуд?**

**A)** Бобул
**B)** Бохтар
**C)** Лидия
**D)** Миср

**30** **Кадом ҳокими Ҳахоманишиён *“...шоҳи Миср шинохта шуд ва ба сулолаи 27-уми фиръавнҳо асос гузошт“*?**

**A)** Дориюши Кабир
**B)** Куруши Кабир
**C)** Хашиёршоҳ
**D)** Камбуҷӣ

**31** **Сухан дар бораи кадом ёдгорӣ меравад: “*... бо хатти мехӣ бо забонҳои ориёӣ (порсии қадим), бобулӣ ва эломӣ ҳаккокӣ шудааст. Катиба дар бораи қаҳрамониҳои Дориюш дар барқарор намудани империяи Ҳахоманишиён ҳикоят мекунад*”?**

**A)** Тахти Ҷамшед
**B)** Кӯҳи Бесутун
**C)** Дафинаи Амурадё
**D)** Мақбараи Куруш

**32** **Сухан дар бораи кадом ислоҳоти Дориюш меравад: *“Тамоми мамлакатро ба хушатраҳо (сатрапияҳо) тақсим кард. Мувофиқи катибаи Нақши Рустам шумораи онҳо ба 30 ва навиштаи Ҳеродот ба 20 мерасид”*?**

**A)** соҳаи ҳарбӣ
**B)** низоми маъмурӣ
**C)** низоми пулӣ
**D)** девони шоҳӣ

**33** **Сухан дар бораи кӣ меравад: “*... тамоми мамлакатро ба хушатраҳо (сатрапҳо) тақсим кард. Хушатраҳо аз ҷиҳати ҳудуд гуногун буданд, дар баъзе мавридҳо қаламрави хушатра ба ҳудуди давлати пеш мустақилбуда рост меомад*“?**

**A)** Канишка
**B)** Дориюши Кабир
**C)** Диодот
**D)** Куруши Кабир

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**34** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***“Камбуҷӣ соли 523 пеш аз милод дар Миср огоҳӣ меёбад, ки дар Порс ... худро шоҳи Ориёно эълон кардааст“*****?**

**A)** Дорои III

**B)** Ҳашёршоҳ

**C)** Канишка

**D)** Бардии дурӯғин

**35** **Шӯриши Бардии дурӯғин дар кадом давлат сар зада буд?**

**A)** Ҳахоманишиён

**B)** Суғд

**C)** Бобул

**D)** Миср

**36** **Муҳорибаи Соломин байни киҳо ба амал омада буд?**

**A)** румиҳо ва арабҳо

**B)** туркҳо ва ҳайтолиён

**C)** муғулҳо ва чиниҳо

**D)** юнониҳо ва форсҳо

**37** **Муҳорибаи Марафон байни киҳо ба амал омада буд?**

**A)** муғулҳо ва чиниҳо

**B)** юнониҳо ва форсҳо

**C)** туркҳо ва ҳайтолиён

**D)** румиҳо ва арабҳо

**38** **Солҳои 492-449 то милод байни киҳо ҷанг мерафт?**

**A)** юнониҳо ва форсҳо

**B)** туркҳо ва ҳайтолиён

**C)** муғулҳо ва чиниҳо

**D)** румиҳо ва арабҳо

**39** **Соли 331 то милод кадом муҳориба рӯй дода буд?**

**A)** Қадисия

**B)** Гавгамел

**C)** Соломин

**D)** Наҳованд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**40** **Маҳали задухӯрди лашкари Дориюши III ва Искандари Мақдуниро муайян кунед.**

**A)** Наҳованд

**B)** Ҳаррон

**C)** Дандонакон

**D)** Гавгамел

**41** **Муҳорибаи Гавгамел чӣ пайомад дошт?**

**A)** Ашкониён лашкари Румро шикаст доданд.

**B)** Сосониён аз Ҳайтолиён шикаст хӯрданд.

**C)** Арабҳо Хатлонро ба даст оварданд.

**D)** Давлати Ҳахоманишиён аз байн рафт.

**42** **Муҳорибаи Куркат (Курукада) дар рафти кадом истилогарӣ ба амал омада буд?**

**A)** юнону мақдуниҳо

**B)** туркҳои салҷуқӣ

**C)** муғулҳо

**D)** арабҳо

**43** **Дар арафаи забткории юнону мақдуниҳо Осиёи Миёна ба ҳайати кадом давлат шомил буд?**

**A)** Селевкиён

**B)** Ҳахоманишиён

**C)** Кушониён

**D)** Ашкониён

**44** **Сухани Бесс ба муқобили кадом истилогарон гуфта шудааст: *"Мо қувва ва имконият дорем, ки лашкари Искандарро шикаст дода, ӯро аз мулки худ дур андозем"*?**

**A)** муғул

**B)** юнону мақдунӣ

**C)** араб

**D)** турк

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**45** **Ориёмиз ба муқобили кадом истилогарон мубориза бурда буд?**

**A)** юнону мақдуниҳо
**B)** арабҳо
**C)** туркҳо
**D)** муғулҳо

**46** **Бесс ба муқобили кадом истилогарон мубориза бурда буд?**

**A)** муғулҳо
**B)** туркҳо
**C)** юнону мақдуниҳо
**D)** арабҳо

**47** **Овсен ба муқобили кадом истилогарон мубориза бурда буд?**

**A)** арабҳо
**B)** муғулҳо
**C)** юнону мақдуниҳо
**D)** туркҳо

**48** **Спитамен ба муқобили кадом истилогарон мубориза бурда буд?**

**A)** муғулҳо
**B)** арабҳо
**C)** туркҳо
**D)** юнону мақдуниҳо

**49** **Рухшонак кӣ буд?**

**A)** зани Дорои III
**B)** духтари Спитамен
**C)** зани Искандари Мақдунӣ
**D)** маликаи массагетҳо

**50** **Тиргон дар кадом фасли сол ҷашн гирифта мешавад?**

**A)** зимистон
**B)** баҳор
**C)** тирамоҳ
**D)** тобистон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**51 Наврӯз дар кадом фасли сол ҷашн гирифта мешавад?**

**A)** зимистон
**B)** тирамоҳ
**C)** тобистон
**D)** баҳор

**52 Меҳргон дар кадом фасли сол ҷашн гирифта мешавад?**

**A)** тирамоҳ
**B)** зимистон
**C)** тобистон
**D)** баҳор

**53 Сада дар кадом фасли сол ҷашн гирифта мешавад?**

**A)** тобистон
**B)** зимистон
**C)** баҳор
**D)** тирамоҳ

**54 Мувофиқи ривоятҳо Ҷамшед ба кадом ҷашн асос гузоштааст?**

**A)** Меҳргон
**B)** Тиргон
**C)** Сада
**D)** Наврӯз

**55 Мувофиқи ривояти "Шоҳнома" Ҳушанг асосгузори кадом ҷашн аст?**

**A)** Сада
**B)** Наврӯз
**C)** Меҳргон
**D)** Тиргон

**56 Кадом ёдгорӣ дар шаҳри Панҷакент ҷойгир аст?**

**A)** Саксанохур
**B)** Саразм
**C)** Тахти Сангин
**D)** Ҳулбук

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**57** **Сухан дар бораи кадом ёдгорӣ меравад:** ***“Ёдгории замони энеолит ва биринҷ, ки дар қисмати болооби рӯди Суғд (Зарафшон), дар ноҳияи Панҷакент кашф шуд, бо номи ... маъруф аст”*****?**

**A)** Тахти Сангин

**B)** Саразм

**C)** Ҳулбук

**D)** Карон

**58** **Ёдгории Тахти Сангин дар кадом ноҳия ҷойгир аст?**

**A)** Рӯшон

**B)** Ҳамадонӣ

**C)** Қубодиён

**D)** Спитамен

**59** **Ёдгории Саксанохур дар кадом ноҳия ҷойгир аст?**

**A)** Спитамен

**B)** Фархор

**C)** Восеъ

**D)** Шуғнон

**60** **Кадом ёдгорӣ дар ҳудуди Тоҷикистон ҷойгир аст?**

**A)** Тахти Сангин

**B)** Кӯҳи Бесутун

**C)** Нақши Рустам

**D)** Мақбараи Куруш

**61** **“Хазинаи Амударё” дар кадом ноҳия пайдо карда шуд?**

**A)** Восеъ

**B)** Спитамен

**C)** Қубодиён

**D)** Рӯшон

**62** **Кадом ёдгорӣ дар ноҳияи Фархор ҷойгир аст?**

**A)** Саксанохур

**B)** Саразм

**C)** Тахти Сангин

**D)** Ҳулбук

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**63** **Соли 53 пеш аз милод байни лашкари Рум ва Ашкониён дар куҷо задухӯрд ба амал омад?**

**A)** Гавгамел

**B)** Дандонакон

**C)** Қадисия

**D)** Ҳаррон

**64** **Асосгузори давлати Кушониёни Бузургро муайян кунед.**

**A)** Канишкаи Кабир

**B)** Васудейваи I

**C)** Куҷула Кадфиз

**D)** Ҳувишка

**65** **Давлати Кушониён ба ҷойи кадом давлат таъсис ёфт?**

**A)** Юнонии Бохтар

**B)** Сосониён

**C)** Ҳайтолиён

**D)** Ҳахоманишиён

**66** **Кадом сулола ба мавҷудияти давлати Юнонии Бохтар хотима дод?**

**A)** Кушониён

**B)** Ҳахоманишиён

**C)** Сосониён

**D)** Ашкониён

**67** **Сухан дар бораи таъсиси кадом давлат меравад: *“Иттиҳоди қабилаҳои сакоӣ-турҳои Портро Арсак-Аршак сарварӣ менамуд. Онҳо ба лашкари юнониҳо, ки ба онҳо Андрагор роҳбарӣ менамуд, ҳуҷум оварда, онро торумор месозанд ва сатрапии Портро соҳиб мешаванд”*?**

**A)** Сосониён

**B)** Ашкониён

**C)** Кушониён

**D)** Юнону Бохтар

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**68** **Сухан дар бораи таъсиси кадом давлат меравад:** ***“Дар асри II пеш аз милод йуҷиҳои ба Суғд омада, ҳукмронии юнону мақдуниҳоро барҳам дода, ҳокимияти худро барқарор менамоянд”*****?**

**A)** Ашкониён

**B)** Сосониён

**C)** Кушониён

**D)** Ҳахоманишиён

**69** **Сухан дар бораи шоҳони кадом империя меравад:** ***“Подшоҳ Канишка ба шофар Нукунзук фармон медиҳад, ки маъбаде барои худоён(бағон) бисозад ... Ва боз дар фармон гуфта мешавад, ки ҳайкалони шоҳони зерин: шоҳ Куҷула Кадфиз, бобокалонаш шоҳ Вима, Такту бобояш, шоҳ Вима Кадфиз падараш ва худаш – Канишкаро тайёр карда, дар ибодатгоҳ гузоранд.”*** **?**

**A)** Сосониён

**B)** Кушониён

**C)** Ҳахоманишиён

**D)** Ашкониён

**70** **Ардашери Бобакон ба кадом давлат асос гузошт?**

**A)** Ашкониён

**B)** Сосониён

**C)** Кушониён

**D)** Сомониён

**71** **Кадом сулола дар Порт то соли 224 ҳукмронӣ намуда буд?**

**A)** Ашкониён

**B)** Кушониён

**C)** Сосониён

**D)** Хиёниён

**72** **Сосониён худро ворис кадом давлат меҳисобиданд?**

**A)** Кушониён

**B)** Империяи Рум

**C)** Юнонии Бохтар

**D)** Ҳахоманишиён

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**73** **Солҳои 491-529 дар давлати Сосониён чӣ воқеа рӯй дода буд?**

**A)** қабули мазҳаби зардуштӣ дар Арманистон
**B)** паҳн гардидани ҳаракати Маздакиён дар Форс
**C)** идомаи сиёсати насронипарастии Яздигурди I
**D)** ба итоати Сосониён даромадани сарзаминҳои давлати Кушониён

**74** **Академияи (маркази илмӣ) Гунди Шопур дар давраи ҳукмронии кадом сулола таъсис дода шуда буд?**

**A)** Ҳахоманишиён
**B)** Ҳайтолиён
**C)** Сосониён
**D)** Кушониён

**75** **Шоҳкории санъати меъмории замони Сосониёнро муайян кунед.**

**A)** Кӯҳи Хоҷа
**B)** Каҳкаҳа
**C)** Қасри Ширин
**D)** Тахти Ҷамшед

**76** **Кадом ёдгорӣ ба замони Сосониён марбут аст?**

**A)** Кӯҳи Бесутун
**B)** Қасри Ширин
**C)** Мақбараи Куруш
**D)** Тахти Ҷамшед

**77** **Ҷанги Ҷалуло байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** Хилофати Араб ва Сосониён
**B)** Рум ва Ашкониён
**C)** Ҳайтолиён ва Ҳоқонати Турк
**D)** Сосониён ва Рум

**78** **“Ҷанги занҷир” байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** Хилофати Араб ва Сосониён
**B)** Сосониён ва Рум
**C)** Ҳайтолиён ва Ҳоқонии Турк
**D)** Рум ва Ашкониён

Дар ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**79** **“Ҷанги Пул” байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** Хилофати Араб ва Сосониён
**B)** Рум ва Ашкониён
**C)** Ҳайтолиён ва Ҳоқонати Турк
**D)** Сосониён ва Рум

**80** **Соли 636 байни Хилофати Араб ва давлати Сосониён кадом воқеа рӯй дода буд?**

**A)** Ҷанги Наҳованд
**B)** “Ҷанги Пул”
**C)** Ҷанги Қадисия
**D)** “Ҷанги занҷир”

**81** **Соли 642 байни Хилофати Араб ва давлати Сосониён кадом воқеа рӯй дода буд?**

**A)** Ҷанги Наҳованд
**B)** Ҷанги Қадисия
**C)** “Ҷанги занҷир”
**D)** “Ҷанги Пул”

**82** **Дар Хилофати Араб баъди Умавиён кадом сулола сари қудрат омад?**

**A)** Кушониён
**B)** Ҳайтолиён
**C)** Аббосиён
**D)** Сосониён

**83** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Деваштич
**B)** Спитамен
**C)** Ғоирхон
**D)** Малик Санҷар

**84** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Ғоирхон
**B)** Ғурак
**C)** Спитамен
**D)** Малик Санҷар

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**85** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Низак Тархун
**B)** Спитамен
**C)** Маҳмуди Торобӣ
**D)** Фрада

**86** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Фирӯз
**B)** Маҳмуди Торобӣ
**C)** Малик Санҷар
**D)** Фрада

**87** **Кӣ ба ҷунбиши Сурхаламон сарварӣ мекард?**

**A)** Мозёр
**B)** Абумуслим
**C)** Муқаннаъ
**D)** Маздак

**88** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Ғоирхон
**B)** Спитамен
**C)** Абумуслим
**D)** Малик Санҷар

**89** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Қаландаршоҳ
**B)** Бесс
**C)** Спитамен
**D)** Шарик

**90** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Ғоирхон
**B)** Малик Санҷар
**C)** Карзанҷ
**D)** Спитамен

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**91** **Кӣ ба муқобили истилогарони араб шӯриш бардошта буд?**

**A)** Синдбоди Муғ
**B)** Малик Санҷар
**C)** Спитамен
**D)** Бесс

**92** **Ҳамза ба муқобили кадом истилогарон шӯриш бардошта буд?**

**A)** муғулҳо
**B)** арабҳо
**C)** салҷуқиҳо
**D)** юнону мақдуниҳо

**93** **Шарик ибни Шайх ба муқобили кадом истилогарон шӯриш бардошта буд?**

**A)** арабҳо
**B)** туркҳо
**C)** муғулҳо
**D)** юнону мақдуниҳо

**94** **Карзанҷ ба муқобили кадом истилогарон шӯриш бардошта буд?**

**A)** муғулҳо
**B)** юнону мақдуниҳо
**C)** туркҳо
**D)** арабҳо

**95** **Муқаннаъ ба муқобили кадом истилогарон шӯриш бардошта буд?**

**A)** арабҳо
**B)** туркҳо
**C)** юнону мақдуниҳо
**D)** муғулҳо

**96** **Кадом шаҳр маркази Хатлони асримиёнагӣ буд?**

**A)** Ҳулбук
**B)** Бунҷикат
**C)** Фир
**D)** Самарқанд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.nte.tj

**97** **Кадом шаҳр маркази Хоразми тоисломӣ буд?**

**A)** Фир
**B)** Бунҷикат
**C)** Ҳулбук
**D)** Самарқанд

**98** **Солҳои 750-1258 кадом сулола ҳукмронӣ карда буд?**

**A)** Ҳайтолиён
**B)** Аббосиён
**C)** Умавиён
**D)** Сосониён

**99** **Солшумории мусулмонии ҳиҷрӣ аз кадом воқеа оғоз ёфт?**

**A)** баъд аз марги Муҳаммад пайғамбар
**B)** баъд аз ҳиҷрати Муҳаммад ба Ясриб
**C)** аз оғози хилофати Усмон
**D)** баъд аз забти Эрон

**100** **Соли 622 дар таърихи ислом кадом воқеа рӯй дод?**

**A)** таваллуди Муҳаммад дар Макка
**B)** ҳиҷрати Муҳаммад аз Макка ба Ясриб
**C)** пойтахти Хилофати Араб гардидани Бағдод
**D)** паҳн гардидани дини ислом дар нимҷазираи Арабистон

**101** **Соли 632 кадом солшуморӣ ба вуҷуд омад?**

**A)** ҳиҷрӣ
**B)** зардуштӣ
**C)** григорианӣ
**D)** яздигурдӣ

**102** **Сухан дар бораи кадом истилогар меравад:** ***“...соли 705 бо лашкари бисёр аз Омӯ мегузарад ва ба Пайканд ҳуҷум меоварад. Дар лашкари ӯ дастаҳои Балхиён ва Чағониён низ ширкат доштанд“*****?**

**A)** Убайдуллоҳ ибни Зиёд
**B)** Сайид ибни Усмон
**C)** Қутайба ибни Муслим
**D)** Рофеъ ибни Лайс

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**103** **Сухан дар бораи кадом забткорӣ меравад: *“Самарқанд 2 миллион дирҳам ҷарима ва 1000 марди солим ба сифати ғулом дод. Қутайба фармон баровард, ки ҳар суғдие, ки бо худ силоҳ гирад, ба қатл хоҳад расид”*?**

**A)** туркҳо

**B)** юнону мақдуниҳо

**C)** арабҳо

**D)** муғулҳо

**104** **Сухан дар бораи чӣ меравад: *“...аз харобаи Абаргар 74 ҳуҷҷати суғдӣ, якто арабӣ ва зиёда аз 400 ашёи моддӣ ба даст омад”*?**

**A)** бойгонии Деваштич

**B)** бошишгоҳи Кӯлдара

**C)** “хазинаи Амударё”

**D)** қалъаи Ҳулбук

**105** **Бо дастгирии кӣ Аббосиён ба сари ҳокимият омаданд?**

**A)** Абумуслими Хуросонӣ

**B)** Фазли Бармакӣ

**C)** Яъқуб ибни Лайс

**D)** Абуҷаъфари Абдуллоҳ

**106** **Кадом шӯриш ба муқобили Умавиён равона шуда буд?**

**A)** Рофеъ ибни Лайс

**B)** Абумуслим

**C)** Синдбоди Муғ

**D)** Муқаннаъ

**107** **Дар солҳои 760 – 784 кадом воқеа ба амал омада буд?**

**A)** Шӯриши Сарбадорони Самарқанд

**B)** Наҳзати Абумуслими Хуросонӣ

**C)** Шӯриши Деваштич

**D)** Шӯриши Муқаннаъ

РОЙГОН! Дарсомонаи www.ntc.tj

**108** **Сухан дар бораи кадом шӯриш меравад: *”Лашкари мусалмон бар сафедҷомагон ҳеҷ ғолиб намеомад, зеро доҳии онҳо дар кӯҳҳои Сиём дар ҳисори бисёр устувор пинҳон буд”?***

**A)** Синдбоди Муғ

**B)** Рофеъ ибни Лайс

**C)** Муқаннаъ

**D)** Деваштич

**109** **Ба шӯриши сафедҷомагон кӣ роҳбарӣ намуда буд?**

**A)** Деваштич

**B)** Шарик

**C)** Ҳошим ибни Ҳаким

**D)** Синдбоди Муғ

**110** **Сухан дар бораи кӣ меравад: *“Онҳо манфиатдор буданд, ки миёни сулолаҳои тоҷикӣ якдилӣ ва якмаромӣ набошад, аз ин рӯ дар миёнашон низоъ меандохтанд. Ҳамин тавр, Саффориёнро бо Тоҳириён ва Сомониёнро бо Саффориён ҷанг андохта, мехостанд ҳукумати худро пойдор гардонанд“?***

**A)** халифаҳои араб

**B)** Султон Маҳмуд ва аъёни турк

**C)** шоҳони бувайҳӣ

**D)** заминдорони маҳаллӣ

**111** **Сохтори идоракунии давлатҳои Сосониён, Сомониён ва хилофати Аббосиён чӣ умумият дошт?**

**A)** идораи кишвар тавассути девонҳо

**B)** ҳукмронии дини ислом

**C)** набудани артиши савора

**D)** иштироки Шурои куҳансолон дар идоракунии давлат

**112** **Шуубия чӣ гуна ҳаракат буд?**

**A)** иқтисодӣ

**B)** фарҳангӣ

**C)** сиёсӣ

**D)** низомӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**113** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Сомониён

**B)** Тоҳириён

**C)** Сосониён

**D)** Аббосиён

**114** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ карда буд?**

**A)** Тоҳириён

**B)** Умавиён

**C)** Сомониён

**D)** Салҷуқиён

**115** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Музаффариён

**B)** Сомониён

**C)** Тоҳириён

**D)** Саффориён

**116** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Сомониён

**B)** Саффориён

**C)** Музаффариён

**D)** Ғазнавиён

**117** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Музаффариён

**B)** Темуриён

**C)** Ғазнавиён

**D)** Куртҳои Ҳирот

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**118** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Ғуриён

**B)** Куртҳои Ҳирот

**C)** Музаффариён

**D)** Темуриён

**119** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Шайбониён

**B)** Темуриён

**C)** Ғуриён

**D)** Аштархониён

**120** **Кадом сулола аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ҳукмронӣ кардааст?**

**A)** Куртҳои Ҳирот

**B)** Аштархониён

**C)** Темуриён

**D)** Шайбониён

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**121** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Бармакиён

**B)** Қарахитоиҳо

**C)** Шайбониён

**D)** Умавиён

**122** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Салҷуқиён

**B)** Тоҳириён

**C)** Аббосиён

**D)** Шайбониён

**123** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Шайбониён

**B)** Саффориён

**C)** Умавиён

**D)** Салҷуқиён

**124** **Кадом воқеа соли 803 ба амал омада буд?**

**A)** “Накбати Бармакиён”

**B)** “Фоҷиаи Утрор”

**C)** Шӯриши Маҳмуди Торобӣ

**D)** “Ҷанги лой”

**125** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***“...волии Хуросону Мовароуннаҳр таъйин мешавад. Мувофиқи фармони ӯ ҳангоми хутбаи намози ҷумъа дигар номи халифаро ба забон намегирифтанд. Ин маънои канда шудани робита бо Бағдодро дошт...”?***

**A)** Ардашери Бобакон

**B)** Ҳорунаррашид

**C)** Тоҳир ибни Ҳусайн

**D)** Абдуллоҳ ибни Тоҳир

**126** **Кадом давлат дар асри IX вуҷуд дошт?**

**A)** Ғуриён

**B)** Ғазнавиён

**C)** Тоҳириён

**D)** Сосониён

**127** **Дар Хуросон солҳои 861–900 кадом давлат вуҷуд дошт?**

**A)** Сосониён

**B)** Сомониён

**C)** Тоҳириён

**D)** Саффориён

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**128** **Дар акс муҷассамаи кадом шахсият тасвир шудааст?**



**A)** Темурмалик

**B)** Исмоили Сомонӣ

**C)** Спитамен

**D)** Яъқуб ибни Лайс

**129** **Дар акс муҷассамаи кадом шахсият тасвир шудааст?**



**A)** Темурмалик

**B)** Яъқуб ибни Лайс

**C)** Исмоили Сомонӣ

**D)** Спитамен

**130** **Дар акс муҷассамаи кадом шахсият тасвир шудааст?**



**A)** Яъқуб ибни Лайс

**B)** Исмоили Сомонӣ

**C)** Спитамен

**D)** Темурмалик

**131** **Кадом фақеҳи тоҷик ба мазҳаби ҳанафия дар ислом асос гузоштааст?**

**A)** Нуъмон ибни Собит

**B)** Имом Ғазолӣ

**C)** Низомулмулк

**D)** Имом Бухорӣ

**132** **Баъди Тоҳир ибни Ҳусайн кӣ ба сари ҳокимият омад?**

**A)** Тоҳири II

**B)** Талҳа

**C)** Абдуллоҳ ибни Тоҳир

**D)** Муҳаммад ибни Тоҳир

РОЙГОН! Дар сомонаи www.

**133** **Дар харита ҳудуди кадом давлат тасвир шудааст?**




**A)** Ғуриён
**B)** Ғазнавиён
**C)** Қарахониён
**D)** Тоҳириён

**134** **Пойтахти давлати Тоҳириён дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**




**A)** 1
**B)** 4
**C)** 2
**D)** 3

**135** **Пойтахти давлати Сомониён дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**




**A)** 2

**B)** 3

**C)** 1

**D)** 4

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc

**136** **Шаҷараи Сомониён аз кӣ оғоз мешавад?**

**A)** Диодот

**B)** Искандари Мақдунӣ

**C)** Баҳроми Чӯбина

**D)** Чингизхон

**137** **Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар давраи ҳукмронии кадом сулола зиндагӣ ва эҷод карда буд?**

**A)** Сомониён

**B)** Салҷуқиён

**C)** Темуриён

**D)** Ғуриён

**138** **Вазири Сомониён.**

**A)** Рашидуддини Фазлуллоҳ

**B)** Холиди Бармакӣ

**C)** Абуалии Балъамӣ

**D)** Низомулмулк

**139** **Вазири Сомониён.**

**A)** Абулфазли Балъамӣ
**B)** Холиди Бармакӣ
**C)** Низомулмулк
**D)** Рашидуддини Фазлуллоҳ

**140** **Мақоми идораи давлатӣ дар аҳди Сомониён.**

**A)** сатрап
**B)** девон
**C)** миршаб
**D)** топар

**141** **Кадом девон асоситарин идораи марказии Сомониён буд?**

**A)** сипоҳ (ориз)
**B)** хоҷаи бузург
**C)** вақф
**D)** амидулмулк

**142** **Девони Сомониён, ки лашкарро назорат карда, онро бо силоҳ, озуқа, либос ва моҳона таъмин менамуд.**

**A)** амидулмулк
**B)** вақф
**C)** муставфӣ (истифо)
**D)** сипоҳ (ориз)

**143** **Мақоми кадом девони аҳди Сомониён болотар буд?**

**A)** хоҷаи бузург
**B)** амидулмулк
**C)** муҳтасиб (ҳисба)
**D)** сипоҳ (ориз)

**144** **Девоне, ки заминҳои хонадони Сомониёнро назорат ва идора мекард.**

**A)** сипоҳ (ориз)
**B)** зиё
**C)** амидулмулк
**D)** муставфӣ (истифо)

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**145** **Девони Сомониён, ки вазифаи почтаро иҷро мекард.**

**A)** қозӣ

**B)** сипоҳ

**C)** барид

**D)** муставфӣ

**146** **Девони Сомониён, ки корҳои молия ва харҷу дахли хазинаи давлатро назорат мекард.**

**A)** вақф

**B)** муставфӣ (истифо)

**C)** сипоҳ (ориз)

**D)** амидулмулк

**147** **Девони Сомониён, ки корҳои дипломатӣ ва ҳуҷҷатҳои муҳимми давлатиро назорат мекард.**

**A)** муставфӣ (истифо)

**B)** сипоҳ (ориз)

**C)** вақф

**D)** амидулмулк

**148** **Девони Сомониён, ки тамоми муассисаҳои маъмурӣ, сиёсӣ ва иқтисодии давлатро назорат мекард.**

**A)** сипоҳ (ориз)

**B)** вақф

**C)** амидулмулк

**D)** ҳоҷаи бузург

**149** **Соли 875 халифа Муътамид ба Наср ҳуҷҷате дод, ки мувофиқи он ...**

**A)** Мовароуннаҳр ба дасти Наср гузашт.

**B)** Бухоро маркази давлати Сомониён гардид.

**C)** ҳокимият мебоист аз Наср ба Исмоил мегузашт.

**D)** лашкари Сомониён бояд дар ҷанги зидди Рофеъ ибни Лайс иштирок мекард.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**150** **Кадом шӯриш дар замони ҳукмронии Сомониён рӯй дода буд?**

**A)** Абубакри Нонвой

**B)** Муқаннаъ

**C)** Рофеъ ибни Лайс

**D)** Маҳмуди Торобӣ

**151** **Сухан дар бораи кӣ меравад: *“Бисёр шоирони номии замони ... ва баъдина ӯро “Устоди шоирони ҷаҳон”, ”Соҳибқирони шоирӣ” ном бурда, бо ҳурмату эҳтироми зиёд ёдовар мешаванд ... Бостоншиносони машҳури Аврупо ӯро ба Гомери Юнон баробар кардаанд”*?**

**A)** Абумансури Дақиқӣ

**B)** Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**C)** Абушакури Балхӣ

**D)** Абулқосими Фирдавсӣ

**152** **Раванди ташаккулёбии халқи тоҷик дар аҳди ҳукмронии кадом сулола анҷом ёфт?**

**A)** Тоҳириён

**B)** Сосониён

**C)** Сомониён

**D)** Ғуриён

**153** **Сухан дар бораи кӣ меравад: *“...сарлашкаронаш боз роҳи хиёнатро пеш гирифтанд ва ӯ шикаст хӯрд. Худи ... соли 1005 аз дасти яке аз сардорони қабилаҳои араб хоинона кушта шуд”*?**

**A)** Нӯҳи II ибни Мансур

**B)** Насри Илокхон

**C)** Мансур ибни Нӯҳ

**D)** Абуиброҳим Мунтасир

**154** **Муаллифи асари “Ал-қонун фи-т-тиб” кӣ буд?**

**A)** Абуалӣ ибни Сино

**B)** Абурайҳони Берунӣ

**C)** Абубакри Розӣ

**D)** Абунасри Форобӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**155** **Муаллифи “Сиёсатнома”-ро муайян кунед.**

**A)** Абубакри Наршахӣ
**B)** Низомулмулк
**C)** Абурайҳони Берунӣ
**D)** Абусаиди Гардезӣ

**156** **Муаллифи “Таърихи Масъудӣ”.**

**A)** Абунасри Утбӣ
**B)** Абулфазли Байҳақӣ
**C)** Зайниддини Ҷурҷонӣ
**D)** Абусаиди Гардезӣ

**157** **Муаллифи “Зайн-ул-ахбор”.**

**A)** Абусаиди Гардезӣ
**B)** Абунасри Утбӣ
**C)** Абулфазли Байҳақӣ
**D)** Зайниддини Ҷурҷонӣ

**158** **Муаллифи “Таърихи Яминӣ”.**

**A)** Абулфазли Байҳақӣ
**B)** Абунасри Утбӣ
**C)** Абусаиди Гардезӣ
**D)** Зайниддини Ҷурҷонӣ

**159** **Муаллифи “Сарчашмаҳои ахбор”.**

**A)** Абумуҳаммади Диноварӣ
**B)** Абулфазли Байҳақӣ
**C)** Абубакри Наршахӣ
**D)** Абуҷаъфари Табарӣ

**160** **Муаллифи асари “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”-ро муайян кунед.**

**A)** Бобоҷон Ғафуров
**B)** Садриддин Айнӣ
**C)** Сотим Улуғзода
**D)** Бароти Абдураҳмон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**161** **Кӣ лақаби “Мунтасир”-ро дошт?**

**A)** Насри Сомонӣ
**B)** Абдумалики Сомонӣ
**C)** Абуиброҳими Сомонӣ
**D)** Исмоили Сомонӣ

**162** **Низомулмулк дар давраи ҳукмронии кадом сулола зиндагӣ ва эҷод карда буд?**

**A)** Салҷуқиён
**B)** Сомониён
**C)** Темуриён
**D)** Ғуриён

**163** **Кадом донишманди тоҷик вазири Элхониён буд?**

**A)** Низомулмулк
**B)** Абуалии Балъамӣ
**C)** Холиди Бармакӣ
**D)** Рашидуддини Фазлуллоҳ

**164** **Муҳорибаи Дандонакон байни кадом сулолаҳо сурат гирифтааст?**

**A)** Сомониён ва Ғазнавиён
**B)** Ғазнавиён ва Салҷуқиён
**C)** Қарохониён ва Қарохитоиҳо
**D)** Салҷуқиён ва Ғуриён

**165** **Соли 1040 дар назди Дандонакон чӣ воқеа рӯй дод?**

**A)** Султон Маҳмуд дар набард ҳалок шуд.
**B)** Масъуди Ғазнавӣ аз ҷониби тарафдорони бародараш кушта шуд.
**C)** Байни лашкари Ғазнавиён ва Салҷуқиён задухӯрд ба амал омад.
**D)** Лашкари Ғуриён аз болои Ғазнавиён ғалаба ба даст даровард.

**166** **Муҳорибаи Қатвон байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** Салҷуқиёну Қарахониён ва Қарахитоиҳо
**B)** Ғазнавиён ва Ғуриён
**C)** Сомониён ва Саффориён
**D)** Темуриён ва Шайбониён

Дар ройгон! сомонаи www.ntc.tj

**167** **Пайомади забткории Қарахониён.**

**A)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон
**B)** таназзули давлати Хоразмшоҳиён
**C)** ба тобеияти Қарахитоиён гузаштани Мовароуннаҳр
**D)** таназзули давлати Сомониён

**168** **Пайомади муҳорибаи Дандонакон.**

**A)** таназзули давлати Хоразмшоҳиён
**B)** таназзули давлати Сомониён
**C)** ба тобеияти Қарахитоиён гузаштани Мовароуннаҳр
**D)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон

**169** **Пайомади муҳорибаи Қатвон.**

**A)** таназзули давлати Сомониён
**B)** таназзули давлати Хоразмшоҳиён
**C)** шикасти Салҷуқиён ва ба тобеияти Қарахитоиён гузаштани Мовароуннаҳр
**D)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон

**170** **Пойтахти давлати Султон Маҳмуд дар харита бо кадом рақам ишора шудааст?**




**A)** 3
**B)** 4
**C)** 2
**D)** 1

www.ntc.tj

**171** **Дар харита ҳудуди кадом давлат тасвир шудааст?**




**A)** Тоҳириён
**B)** Саффориён
**C)** Ғуриён
**D)** Сомониён

**172** **Дар харита ҳудуди кадом давлат тасвир шудааст?**




**A)** Сарбадорони Хуросон
**B)** Саффориён
**C)** Темуриёни Ҳинд
**D)** Ғуриён

**173** **Ғуриён кадом давлатро аз байн бурданд?**

**A)** Салҷуқиён

**B)** Хорзамшоҳиён

**C)** Куртҳои Ҳирот

**D)** Ғазнавиён

**174** **Сухан дар бораи кадом муаррихи замони Ғазнавиён меравад: *“... солҳои зиёд дар дарбори Ғазнавиён вазифаи дабири (мирзо)-ро ба уҳда дошт. Баъди кушта шудани Султон Масъуд аз ин вазифа ронда мешавад. Ӯ дар айёми пириаш ба навиштани асари сиҷилдаи “Таърихи Масъудӣ” шурӯъ намудааст, ки баъзе ҷилдҳояш то замони мо расидаанд”*?**

**A)** Абунасри Утбӣ

**B)** Абусаид Гардезӣ

**C)** Маҳмуди Варроқ

**D)** Абулфазли Байҳақӣ

**175** **Сухан дар бораи кадом асар меравад: *“Низомулмулк асари машҳури худро бо забони тоҷикӣ таълиф намудааст, ки аз тарзи давлатдорӣ, одобу ахлоқ, таъмину нигоҳ доштани аскар, хазинадорӣ ... нақл мекунад”*?**

**A)** “Чаҳор мақола”

**B)** “Осор-ул-боқия”

**C)** “Шоҳнома”

**D)** “Сиёсатнома”

**176** **Сухан дар бораи кадом воқеа меравад: *“... муғулҳо ба шаҳр расиданд, бидуни эҳтиёт ба хиёбони марказӣ, ки кушода буд, ворид шуданд. Дар охири хиёбон Мавлонозода бо дастаи тирандозони худ муғулонро интизор буд”*?**

**A)** “Фоҷиаи Утрор”

**B)** ҳаракати Сарбадорони Хуросон

**C)** ҳаракати Сарбадорони Самарқанд

**D)** “Ҷанги лой”

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**177** **Дар харита кадом истилогарӣ инъикос шудааст?**




**A)** арабҳо
**B)** туркҳои салҷуқӣ
**C)** юнону мақдуниҳо
**D)** муғулҳо

**178** **Баъди марги Чингизхон дар Мовароуннаҳр кадом давлат таъсис ёфт?**

**A)** Ҳалогухониҳо
**B)** Элхониён
**C)** Чағатой
**D)** Оқ Урда

**179** **Пайомади “Фоҷиаи Утрор”.**

**A)** таназзули давлати Сомониён
**B)** оғози истилои муғул дар Мовароуннаҳр
**C)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон
**D)** ба тобеияти Қарахитоиён гузаштани Мовароуннаҳр

**180** **Пайомади истилои муғул.**

**A)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон
**B)** таназзули давлати Сомониён
**C)** таназзули давлати Хоразмшоҳиён
**D)** ба тобеияти Қарахитоиён гузаштани Мовароуннаҳр

РОЙГОН
Дар сомонаи www.

**181** **Пайомади истилои муғул.**

**A)** таназзули давлати Сомониён
**B)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон
**C)** таназзули Хилофати Аббосиён
**D)** ба тобеияти Қарахитоиён гузаштани Мовароуннаҳр

**182** **Пайомади истилои муғул.**

**A)** таназзули давлати Сомониён
**B)** ба тобеияти Қарахитоиён гузаштани Мовароуннаҳр
**C)** таназзули давлати Исмоилии Аламут
**D)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон

**183** **Пайомади муҳорибаи Парвон.**

**A)** таназзули давлати Хоразмшоҳиён
**B)** ба охир расидани ҳокимияти Ғазнавиён дар Хуросон
**C)** шикасти лашкари Чингизхон аз тарафи лашкари Ҷалолуддини Хоразмшоҳ
**D)** таназзули давлати Сомониён

**184** **Соли 1238 дар Бухоро кадом воқеа ба амал омад?**

**A)** Шӯриши Маҳмуди Торобӣ сар зад.
**B)** Шамсиддин Маҳбубӣ халифа эълон гардид.
**C)** Садрҳо ҳокимиятро ба даст оварданд.
**D)** Муғулҳо бо аҳолии шаҳр созишнома имзо карданд.

**185** **Заминдории инҷу дар кадом давра ба вуҷуд омад?**

**A)** ҳукмронии Сомониён
**B)** ҳукмронии Темуриён
**C)** истилои муғул
**D)** забткории араб

**186** **Кадом хони муғул исломро дини давлатӣ эълон намуд?**

**A)** Мангуқоон
**B)** Кабакхон
**C)** Тармаширин
**D)** Тувахон

Дар ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**187** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Темуриён
**B)** Салҷуқиён
**C)** Қарахониён
**D)** Шансабониён

**188** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Қарахониён
**B)** Аббосиён
**C)** Селевкиён
**D)** Музаффариён

**189** **Сулолаи тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Куртҳои Ҳирот
**B)** Қарахониён
**C)** Элхониён
**D)** Селевкиён

**190** **Давлати муғулро муайян кунед.**

**A)** Каёниён
**B)** Аббосиён
**C)** Селевкиён
**D)** Чағатой

**191** **Давлати тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Ғуриён
**B)** Сафавиён
**C)** Чағатой
**D)** Аббосиён

**192** **Давлати тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Сафавиён
**B)** Аббосиён
**C)** Чағатой
**D)** Куртҳои Ҳирот

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**193** **Давлати тоҷикро муайян кунед.**

**A)** Аббосиён

**B)** Сарбадорони Хуросон

**C)** Чағатой

**D)** Сафавиён

**194** **Соли 1245 кадом давлати тоҷикон таъсис ёфтааст?**

**A)** Сарбадорони Хуросон

**B)** Ғуриён

**C)** Куртҳои Ҳирот

**D)** Зиёриён

**195** **Сулолаи тоҷик, ки солҳои 1245 – 1381 ҳукмронӣ кардааст, чӣ ном дошт?**

**A)** Саффориёни Систон

**B)** Ғуриён

**C)** Куртҳои Ҳирот

**D)** Сарбадорони Хуросон

**196** **Ҳаракати Сарбадорони Хуросон ба муқобили кӣ равона гардида буд?**

**A)** истилогарони муғул

**B)** лашкаркашиҳои Ғуриён

**C)** забткориҳои Хоразмшоҳиён

**D)** ҳокимияти Куртҳои Ҳирот

**197** **Чингизхон ба мавҷудияти кадом давлат хотима гузошт?**

**A)** Сомониён

**B)** Хоразмшоҳиён

**C)** Ғазнавиён

**D)** Тоҳириён

**198** **Шайбонихон ба мавҷудияти кадом давлат хотима гузошт?**

**A)** Темуриён

**B)** Сарбадорони Самарқанд

**C)** Куртҳои Ҳирот

**D)** Ғуриён

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**199** **Муҳаммадраҳимхони манғит ба мавҷудияти кадом давлат хотима гузошт?**

**A)** Шайбониён
**B)** Сарбадорони Хуросон
**C)** Темуриён
**D)** Аштархониён

**200** **Мавлонозода кадом ҳаракатро роҳбарӣ карда буд?**

**A)** Сарбадорони Хуросон
**B)** Сарбадорони Самарқанд
**C)** Сафедҷомагон
**D)** Қарматия

**201** **Дар кадом ҷанг соли 1365 Темур ва Ҳусайн шикаст хӯрда, ба Балх фирор карданд?**

**A)** "Ҷанги Пул"
**B)** "Ҷанги хунин"
**C)** "Ҷанги садсола"
**D)** "Ҷанги лой"

**202** **Ҷунбиши косибон, тоҷирон ва аҳолии одии Самарқанд, ки дар таърих бо номи "Ҷунбиши Сарбадорон" машҳур аст, дар кадом аср ба амал омада буд?**

**A)** XIII
**B)** XIV
**C)** XI
**D)** VIII

**203** **Давлати Сарбадорони Хуросонро кадом ҳоким барҳам дод?**

**A)** Темурланг
**B)** Султон Санҷар
**C)** Султон Маҳмуд
**D)** Чингизхон

**204** **Темурланг ба мавҷудияти кадом давлат хотима гузошта буд?**

**A)** Куртҳои Ҳирот
**B)** Ғуриён
**C)** Саффориён
**D)** Сомониён

Дар сомонаи www.nte.tj РОЙГОН!

**205** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад:** ***“Баҳори соли 1365 дастаҳои пешгарди хони муғул Илёсхоҷа бе ҳеҷ гуна эҳтиёткорӣ ба воситаи хиёбони асосӣ ба маркази шаҳр дохил шуданд”?***

**A)** Бухоро
**B)** Хоразм
**C)** Балх
**D)** Самарқанд

**206** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад: “*Охирин ҷанг байни Темурланг ва амир Ҳусейн дар моҳи марти соли 1370 дар қалъаи Ҳиндувон, ки дар наздикии ... қарор дошт, ба вуқуъ пайваст*”?**

**A)** Хоразм
**B)** Бухоро
**C)** Балх
**D)** Самарқанд

**207** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад:** ***“Ба Темурланг муяссар шуд, ки баъд аз даҳ соли ба қудрат расиданаш дар Самарқанд, яъне соли 1380 ...-ро тобеи худ гардонад”?***

**A)** Хоразм
**B)** Бухоро
**C)** Самарқанд
**D)** Балх

**208** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад:** ***“Ҳангоме ки Темурланг вориди шаҳри ... шуд, Хоҷа Алии Муайид – саркардаи Сарбадорони Сабзавор ба пешвози ӯ баромад ва ба вай пайваст”?***

**A)** Балх
**B)** Систон
**C)** Нишопур
**D)** Ҳирот

**209** **Абдураззоқи Самарқандӣ дар бораи кадом шаҳр гуфта буд: “*Чун амир Ҳусайн ва Темурланг аз “ҷанги лой” ҳазимат шуда, аз Ҷайҳун гузаштанд ва лашкари муғул ба ҳаволии ... расид, аҳолии он аз ин қазия ҳайрон буданд*”?**

**A)** Хоразм
**B)** Самарқанд
**C)** Бухоро
**D)** Хуҷанд

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**210** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад:** ***“Темурланг дар моҳи марти соли 1381 ҷониби ... ҳамлавар гардида, тамоми он вилоятро забт карда, Малик Ғиёсиддини Оли Куртро тобеи худ хост”*****?**

**A)** Бухоро
**B)** Ҳирот
**C)** Самарқанд
**D)** Балх

**211** **Сухан дар бораи кӣ меравад: “** ***... аз кишварҳои тасхирнамудааш ғанимати фаровонеро ғорат намуда, бо асирони сершумор, ки дар байнашон аксар занону кӯдакон буданд, ба пойтахташ Самарқанд баргашт”?***

**A)** Ботухон
**B)** Темурланг
**C)** Ҳалокухон
**D)** Шайбонихон

**212** **Сухан дар бораи кӣ меравад: “*Ба шарофати портретҳои кашидаи ӯ ҳоло мо қиёфаи бузургону нобиғаҳои он давраро тассавур карда метавонем ва портретҳои Ҷомӣ, Навоӣ, Абдуллои Ҳотифӣ, Султоналии Хаттот, Ҳоҷӣ Муҳаммад, Султон Ҳусайн Бойқаро, Шайбонихон то ба замони мо омада расидаанд*”?**

**A)** Мираки Наққош
**B)** Камолиддини Биноӣ
**C)** Шоҳмузаффар
**D)** Камолиддини Беҳзод

**213** **Кадом наққош ва минётурнигори тоҷик дар Ғарб бо номи “Рафаэли Шарқ” машҳур аст?**

**A)** Шоҳмузаффар
**B)** Қосималӣ
**C)** Мираки Наққош
**D)** Камолиддини Беҳзод

**214** **Доруға чӣ вазифаро иҷро мекард?**

**A)** назорати интиқоли фармонҳои амир ба ҳокимон
**B)** назорати истифодаи даромад аз заминҳои вақф
**C)** нозир ва ҷамъоварандаи андози давлатӣ
**D)** масъули сафарбарии мардон ба сафи лашкар

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**215** **Сухан дар бораи кӣ меравад: *“Соли 1507 ... ба тарафи Ҳирот раҳсипор гардид. Ӯ дар наздикии шаҳр лашкари ба ҷанг омодашудаи темуриро мағлуб намуд”?***

**A)** Бобур Мирзо
**B)** Шайбонихон
**C)** Темурланг
**D)** Нодиршоҳ

**216** **Забти Ҳирот аз тарафи Шайбонихон дар соли 1507 чӣ пайомад дошт?**

**A)** Лашкари Шайбонихон шикаст хӯрд.
**B)** Барои ишғоли Хоразм мусоидат намуд.
**C)** Ҳукмронии сулолаи Темуриён анҷом ёфт.
**D)** Бобур Мирзо ба Кобул фирор кард.

**217** **Ба давлати Темуриёни Ҳинд кӣ асос гузошт?**

**A)** Ҳусайн Бойқаро
**B)** Бобур Мирзо
**C)** Абусаид
**D)** Улуғбек

**218** **Муаллифи «Ҳабиб-ус-сияр».**

**A)** Хондамир
**B)** Бобур Мирзо
**C)** Ҳофизи Таниш
**D)** Мирхонд

**219** **Муаллифи «Шайбониномa».**

**A)** Бадриддини Ҳилолӣ
**B)** Зайниддини Восифӣ
**C)** Абдураҳмони Мушфиқӣ
**D)** Камолиддини Биноӣ

**220** **Девонбегӣ чист?**

**A)** мансаби давлатӣ
**B)** шакли заминдорӣ
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** воҳиди ченак

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**221** ***Сарона*** **чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** андози давлатӣ
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** воҳиди ченак

**222** ***Суюрғол*** **чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** андози давлатӣ
**C)** воҳиди ченак
**D)** воҳиди маъмурӣ

**223** ***Иқтаъ*** **чист?**

**A)** воҳиди ченак
**B)** андози давлатӣ
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** шакли заминдорӣ

**224** ***Ём*** **чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** воҳиди ченак
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** андози давлатӣ

**225** ***Қушбегӣ*** **чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** мансаби давлатӣ
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** воҳиди ченак

**226** ***Мушрифона*** **чист?**

**A)** воҳиди ченак
**B)** андози давлатӣ
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** шакли заминдорӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**227** ***Боҷ* чист?**

**A)** андози давлатӣ

**B)** воҳиди маъмурӣ

**C)** воҳиди ченак

**D)** шакли заминдорӣ

**228** ***Дудӣ* чист?**

**A)** андози давлатӣ

**B)** воҳиди ченак

**C)** воҳиди маъмурӣ

**D)** шакли заминдорӣ

**229** **Дар аҳди Темуриён чиро *тамға* меномиданд?**

**A)** шакли заминдорӣ

**B)** андози давлатӣ

**C)** воҳиди маъмурӣ

**D)** воҳиди ченак

**230** **Кадом воқеа ба асри XIV марбут аст?**

**A)** ба сари ҳокимият омадани сулолаи Манғит

**B)** ислоҳоти пулии Шайбонихон

**C)** забти Осиёи Марказӣ аз тарафи Русияи Подшоҳӣ

**D)** таъсиси давлати Темуриён

**231** **Кадом воқеа ба асри XIV марбут аст?**

**A)** шӯриши Сарбадорони Самарқанд

**B)** ба сари ҳокимият омадани сулолаи Манғит

**C)** ислоҳоти пулии Шайбонихон

**D)** ҳукмронии Имомқулихони Аштархонӣ

**232** **Кадом воқеа ба асри XV марбут аст?**

**A)** ба сари ҳокимият омадани Аштархониён

**B)** таъсиси давлати Манғитиён

**C)** таъсиси давлати муғул

**D)** ислоҳоти пулии Улуғбек

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**233** **Забткории Шайбониён сабаби таназзули кадом давлат гардид?**

**A)** Темуриён

**B)** Салҷуқиён

**C)** Музаффариён

**D)** Хоразмшоҳиён

**234** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад: “*Бо дарназардошти мушкил гардидани вазъ Мирзо Бобур дар нимаи дуюми соли 1501 шаҳрро тарк кард. Шайбонихон ин бор ба тариқи ҳамешагӣ бар ... пирӯз шуд*”?**

**A)** Хоразм

**B)** Ҳирот

**C)** Бухоро

**D)** Самарқанд

**235** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад: “*Бо истилои ... аз тарафи Шайбониён давлати Темуриён завол ёфт ва ба сари ҳокимият дар Мовароуннаҳру Хуросон сулолаи нав – Шайбониён омад*”?**

**A)** Ҳирот

**B)** Балх

**C)** Самарқанд

**D)** Бухоро

**236** **Солҳои 1501-1599 кадом сулола ҳукмронӣ карда буд?**

**A)** Манғитиён

**B)** Шайбониён

**C)** Аштархониён

**D)** Темуриён

**237** **Темуриёнро кадом сулола иваз намуд?**

**A)** Шайбониён

**B)** Манғитиён

**C)** Аштархониён

**D)** Қунғурот

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**238 Баъди Шайбониён кадом сулола ба сари ҳокимият омад?**

**A)** Темуриён
**B)** Аштархониён
**C)** Манғития
**D)** Минг

**239 Дар ибтидои асри XVI дар Эрон кадом сулола сари қудрат омад?**

**A)** Манғитиён
**B)** Аштархониён
**C)** Сафавиён
**D)** Музаффариён

**240 Кадом воқеа ба асри XVI марбут аст?**

**A)** ислоҳоти пулии Шайбонихон
**B)** шӯриши Сарбадорони Хуросон
**C)** ҳукмронии амир Насрулло
**D)** ба сари ҳокимият омадани сулолаи Манғитиён

**241 Кадом воқеа ба асри XVIII марбут аст?**

**A)** таъсиси давлати Шайбониён
**B)** ҳуҷуми Нодиршоҳ ба Мовароуннаҳр
**C)** ислоҳоти пулии Улуғбек
**D)** ба сари ҳокимият омадани Аштархониён

**242 Нодиршоҳ асосгузори кадом сулола дар Эрон ба ҳисоб меравад?**

**A)** Афшорҳо
**B)** Сафавиҳо
**C)** Коҷорҳо
**D)** Паҳлавиҳо

**243 Сулолаи манғит бо кӯмаки кӣ ба тахти Бухоро соҳиб шуд?**

**A)** Нодиршоҳ
**B)** Бобур
**C)** Олимхон
**D)** Шайбонихон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**244** **Сулолаи Афшорҳо дар кадом давлат ҳукмронӣ мекард?**

**A)** Аморати Бухоро
**B)** Хонии Қӯқанд
**C)** Туркия
**D)** Эрон

**245** **Дар арафаи забткориҳои Нодиршоҳ Хонии Бухороро кадом сулола идора мекард?**

**A)** Қунғурот
**B)** Минг
**C)** Ҷониён
**D)** Манғит

**246** **Сухан дар бораи кадом сол меравад: *“Дар Аморати Бухоро аз соли ... сулолаи Манғитиёни ӯзбек ҳукуматдорӣ мекарданд, ки тавассути шоҳи Эрон Нодиршоҳ ба идоракунии Мовароуннаҳр соҳиб шуда буданд”*?**

**A)** 1365
**B)** 1219
**C)** 1753
**D)** 1501

**247** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад: *“Дар ... аз соли 1753 сулолаи Манғитиёни ӯзбек ҳукуматдорӣ мекарданд, ки тавассути шоҳи Эрон Нодиршоҳ ба идоракунии Мовароуннаҳр соҳиб шуда буданд”*?**

**A)** Афғонистон
**B)** Аморати Бухоро
**C)** Хонии Қӯқанд
**D)** Хонии Хева

**248** **Дар арафаи истилои Русия Аморати Бухороро кадом сулола идора мекард?**

**A)** Минг
**B)** Қунғурот
**C)** Манғит
**D)** Юз

РОЙГОН
Дар сомонаи www.ntc.tj

**249** **Дар арафаи истилои Русия Хонии Хеваро кадом сулола идора мекард?**

**A)** Қунғурот
**B)** Манғит
**C)** Юз
**D)** Минг

**250** **Дар арафаи истилои Русия Хонии Қӯқандро кадом сулола идора мекард?**

**A)** Манғит
**B)** Юз
**C)** Қунғурот
**D)** Минг

**251** **Кӯкалтош дар Аморати Бухоро кадом вазифаро иҷро мекард?**

**A)** Фармонҳои амирро қироат мекард.
**B)** Ба амалиёти ҷосусӣ мутасаддӣ буд.
**C)** Маъмури корҳои дин ва шариат буд.
**D)** Маъмури корҳои хоҷагӣ дар дарбор буд.

**252** **Қозикалон дар Аморати Бухоро кадом вазифаро иҷро мекард?**

**A)** Фармонҳои амирро қироат мекард.
**B)** Масъули назорати корҳои динӣ буд.
**C)** Мутасаддии амалиёти ҷосусӣ буд.
**D)** Маъмури корҳои хоҷагӣ дар дарбор буд.

**253** ***Хироҷ*** **чист?**

**A)** андози давлатӣ
**B)** воҳиди ченак
**C)** мансаби давлатӣ
**D)** воҳиди маъмурӣ

**254** ***Туман*** **чист?**

**A)** андози давлатӣ
**B)** воҳиди ченак
**C)** шакли заминдорӣ
**D)** воҳиди маъмурӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**255** ***Ушр*** **чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** воҳиди ченак
**C)** андози давлатӣ
**D)** воҳиди маъмурӣ

**256** **Қӯшбегӣ чист?**

**A)** мансаби давлатӣ
**B)** воҳиди маъмурӣ
**C)** воҳиди пулӣ
**D)** шакли заминдорӣ

**257** **Девонбегӣ чист?**

**A)** шакли заминдорӣ
**B)** мансаби давлатӣ
**C)** воҳиди маъмурӣ
**D)** воҳиди ченак

**258** ***Атолиқ*** **чист?**

**A)** мансаби давлатӣ
**B)** шакли заминдорӣ
**C)** воҳиди ченак
**D)** воҳиди маъмурӣ

**259** **Ҷул чист?**

**A)** воҳиди маъмурӣ
**B)** шакли заминдорӣ
**C)** воҳиди ченак
**D)** андози давлатӣ

**260** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***“Шоира дар Истаравшан (Ӯротеппа) ба дунё омадааст. Хони Қӯқанд Умархон ҳангоми забти Ӯротеппа ӯро ҳамроҳи асирон ба Қӯқанд мебарад. Яке аз асарҳои ӯ “Таърихи муҳоҷирон” мебошад”?***

**A)** Зебуннисо
**B)** Шамшод
**C)** Дилшоди Барно
**D)** Меҳлароим

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**261** **Бо кадом роҳ ҳукумати Русияи Подшоҳӣ мехост обрӯяшро дар назди табақаҳои ҳукмрони кишвараш барқарор намояд?**

**A)** пайдо намудани пуштибонии давлатҳои Осиёи Марказӣ

**B)** забт ва тобеъ кардани Осиёи Марказӣ

**C)** таъмини рақобатпазирии молҳои худ дар кишварҳои Аврупо

**D)** бастани сулҳ бо давлатҳои Осиёи Марказӣ

**262** **Сухан дар бораи кадом давлат меравад:** ***“... то охири ҳукмронии амир Абдулаҳад аз ҷиҳати маъмурӣ ба 28 бекигарӣ ва 9 туман тақсим мешуд”*****?**

**A)** Аморати Бухоро

**B)** Хонии Қӯқанд

**C)** Хонии Хева

**D)** Хонии Аштархон

**263** **Сухан дар бораи кадом шаҳр меравад:** ***“Баъд аз ду сол дар ... шӯриш ба амал омад. Сардори шӯришчиён Хоҷа Қаландари мисгар буд. Камбағалони шӯришгар пойтахти мамлакатро ишғол намуданд”?***

**A)** Бухоро

**B)** Хоразм

**C)** Хуҷанд

**D)** Қӯқанд

**264** **Сухан дар бораи кадом муҳориба меравад:** ***“8-уми майи соли 1866 дар .... байни қӯшунҳои русу бухороӣ ҷанги шадиде ба амал омад ва он бо ғалабаи русҳою мағлубияти бухориён анҷом ёфт. Дар асл ин ҷанги нахустини байни қӯшунҳои Бухоро ва Русия ба ҳисоб меравад”*****?**

**A)** Ҷиззах

**B)** Майдаюлғун

**C)** Чӯпонато

**D)** Зирабулоқ

**265** **Сухан дар бораи кадом муҳориба меравад:** ***”1-уми июни соли 1868 дар наздикии ... муҳорибаи сахттарин ва охирини байни Русияю Бухоро ба вуқуъ омад”*****?**

**A)** Майдаюлғун

**B)** Чӯпонато

**C)** Ҷиззах

**D)** Зирабулоқ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**266** **Дар замони ҳукмронии кадом амир мулкҳои Аморати Бухоро аз тарафи Русия забт карда шуданд?**

**A)** Насрулло
**B)** Музаффар
**C)** Абдулаҳад
**D)** Олимхон

**267** **Муҳорибаи Майдаюлғун кай ба амал омадааст?**

**A)** 14-уми марти соли 1854
**B)** 12-уми октябри соли 1861
**C)** 8-уми майи соли 1866
**D)** 3-юми сентябри соли 1872

**268** **11-уми майи соли 1868 миёни Русия ва Бухоро кадом санад имзо гардид?**

**A)** Шартномаи дӯстӣ
**B)** Шартномаи Зирабулоқ
**C)** Шартномаи Қизилтеппа
**D)** Шартномаи тиҷоратӣ

**269** **Сухан дар бораи забти кадом шаҳр меравад: *“28-уми апрели соли 1865 Черняев ба сӯйи ... бори дуюм ҳуҷум кард. Ӯ дар аввал дамбаи дарёи Чирчиқро вайрон карда, канали Анҳорро хушк намуд ва шаҳрро аз об маҳрум сохт. <…> Ниҳоят, шаби 15-уми июни соли 1865 ба Черняев муяссар гардид, ки лашкараш вориди шаҳр шавад”*?**

**A)** Самарқанд
**B)** Хуҷанд
**C)** Тошканд
**D)** Ҷиззах

**270** **Сухан дар бораи забткориҳои кадом давлат меравад: *“Истеҳком ва дигар қалъаҳои соҳили баҳри Арал барои он сохта шуда буданд, ки ҳаракати бемонеаи корвонҳои тиҷоратӣ ба даруntари Осиёи Марказӣ таъмин гардад”*?**

**A)** Афғонистон
**B)** Русия
**C)** Англия
**D)** Чин

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**271** **Сухан дар бораи забти кадом шаҳр меравад: *“Артиши бағазабомадаи подшоҳӣ шаҳрро се шабонарӯз гулӯлаборон кард ва 24-уми майи соли 1866 шаҳри вайрону валангоршударо соҳиб шуданд”*?**

**A)** Ӯротеппа

**B)** Тошканд

**C)** Хуҷанд

**D)** Ҷиззах

**272** **К.П. Кауфман дар бораи кадом амир гуфта буд: *«Беҳтарин ҳокими уездии ман амири Бухоро аст»*?**

**A)** Насрулло

**B)** Абдулаҳад

**C)** Музаффар

**D)** Олимхон

**273** **Халқ барои чӣ К.П. Кауфманро “нимподшоҳ” номида буд?**

**A)** барқарор намудани муносибатҳои дӯстона бо амири Бухоро

**B)** ба ихтиёр гирифтани ваколатҳои хони Қӯқанд

**C)** ҳуқуқи номаҳдудаш дар ҳалли масъалаҳои идораи кишвари Туркистон

**D)** ташкили идораи кишвари Туркистон мутобиқи сохтори Аморати Бухоро

**274** **Кадом воқеа сабаби исёни Абдуматиктура бар зидди падараш гардид?**

**A)** кӯшиши ба даст овардан вазифаи ҳокими Ҳисор

**B)** аз вазифаи ҳокими Қӯқанд маҳрум шудани Абдуматиктура

**C)** иғвои англисҳо

**D)** имзои созишнома миёни Аморати Бухоро ва Русия

**275** **Пайомади шӯриши солҳои 1873-1876-ро муайян кунед.**

**A)** Аморати Бухоро тобеи Русияи Подшоҳӣ гардид.

**B)** Хонии Қӯқанд аз байн бурда шуд.

**C)** Хонии Хева таъсис ёфт.

**D)** Ҷангҳои байниҳудӣ дар Осиёи Миёна авҷ гирифт.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**276** **Дар рафти забткориҳои Русияи Подшоҳӣ кадом давлат аз байн рафт?**

**A)** Аштархониён

**B)** Хонии Хева

**C)** Хонии Қӯқанд

**D)** Аморати Бухоро

**277** **Хонии Қӯқанд баъди кадом воқеа аз байн бурда шуд?**

**A)** пахши шӯриш бо сарварии Пӯлодхон

**B)** хиёнати Насриддинбек

**C)** шикасти Худоёрхон дар ҷанг бо Русия

**D)** ба сари қудрат омадани сулолаи Манғитиён

**278** **Кадом воқеа аз рӯйи тартиби хронологӣ ПЕШТАР ба амал омада буд?**

**A)** Шӯриши Восеъ

**B)** Шӯриши Эшони Дӯкчӣ

**C)** Шӯриши Усмон

**D)** «Исёни вабо»

**279** **Кадом шӯриш дар ҳудуди кишвари Туркистон ба амал НАОМАДААСТ?**

**A)** Шӯриши Эшони Мадалӣ

**B)** Шӯриши миллию озодихоҳи Хуҷанд

**C)** Шӯриши Восеъ

**D)** "Исёни вабо"

**280** **Чунин вазъият сабаби сар задани кадом воқеа гардид: *"Сарварони шаҳр барои пешгирӣ бо қарори худ барои гӯронидани майитҳо танҳо як қабристонро муайян намуда, 12 қабристони дигари шаҳрро бастанд"*?**

**A)** «Исёни вабо»

**B)** Шӯриши Восеъ

**C)** Шӯриши Эшони Дӯкчӣ

**D)** Шӯриши Усмон

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**281** **Воқеа дар куҷо ба амал омада буд:** ***“Шӯриш аввали баҳори соли 1873, пеш аз ҳама дар байни мардуми қирғиз сар зад. Зеро яке аз сарварони шӯриш будани Пӯлодхон (миллаташ қирғиз) онҳоро рӯҳбаланд намуд”?***

**A)** Бекигарии Кӯлоб

**B)** Хонии Қӯқанд

**C)** Аморати Бухоро

**D)** Хонии Хева

**282** **Давоми ҷумларо пурра кунед:** ***28-уми сентябри соли 1873 дар Шаҳрисабз байни Русия ва Бухоро шартномаи нав имзо гардид, ки бо номи Шартномаи ... маълум аст.***

**A)** дӯстӣ

**B)** ҳарбӣ

**C)** иқтисодӣ

**D)** тиҷоратӣ

**283** **Сухан дар бораи қадом шӯриш меравад:** ***“Дар байни шӯришҳои солҳои 80-уми асри XIX бузургтарин шӯриш бо сарварии ... ба ҳисоб меравад, ки он соли 1888 дар бекигарии Балҷувон ба амал омадааст”?***

**A)** Қаландаршоҳ

**B)** Эшони Дукчӣ

**C)** Восеъ

**D)** Усмон

**284** **Давоми дурусти ҷумларо муайян кунед:** ***Моҳи июни соли 1892 дар шаҳри Тошканд ҳаракати халқӣ сар зад, ки он дар таърих бо номи ... маълум аст.***

**A)** Шӯриши Эшони Дукчӣ

**B)** “Исёни вабо”

**C)** Шӯриши Восеъ

**D)** Шӯриши Қаландаршоҳ

**285** **Ҷумларо пурра кунед:** ***Соли 1898 дар Андиҷон шӯрише ба амал омад, ки роҳбари он ... буд.***

**A)** Усмон

**B)** Восеъ

**C)** Мадалӣ Эшон

**D)** Қаландаршоҳ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**286** **Сухан дар бораи қадом шӯриш меравад:** ***“Шӯриши соли 1898 на танҳо Андиҷон, балки Намангон, Ӯш, қариб тамоми водии Фарғонаро фаро гирифта буд. Дар шӯриш баробари ӯзбекҳою қирғизҳо тоҷикон низ иштирок карданд”*****?**

**A)** Мадалӣ Эшон

**B)** Восеъ

**C)** Қаландаршоҳ

**D)** Усмон

**287** **Чунин вазъият пас аз кадом воқеа ба амал омад:** ***“Ҳукумати Русия ва Ҳукумати Британия уҳдадор мешаванд, ки якум дар ҷануб ва дуюм дар шимоли хати ҷудокунӣ аз ҳар гуна назорат ва таъсири сиёсӣ худдорӣ кунанд”*****?**

**A)** ба Аморати Бухоро дохил гардидани Бухорои Шарқӣ

**B)** имзои шартнома байни Русия ва Хонии Қӯқанд

**C)** ҳалли “Масъалаи Помир”

**D)** барҳам дода шудани Хонии Қӯқанд

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**288** **Чунин вазъият пас аз кадом воқеа ба амал омад:** ***“Ҳангоми муайян кардани хати сарҳадӣ манфиати халқи тоҷик умуман ба эътибор гирифта нашуд. Ҳол он ки дар он давр тақдири халқи тоҷик ба сиёсати ишғолгаронаи Русияю Англия вобастагии қавӣ дошт”*****?**

**A)** ба Аморати Бухоро дохил гардидани Бухорои Шарқӣ

**B)** имзои шартнома байни Русия ва Хонии Қӯқанд

**C)** ҳалли “Масъалаи Помир”

**D)** барҳам дода шудани Хонии Қӯқанд

**289** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***”Мувофиқи супориши амирони Бухоро се дафъа ба Русия сафар намудааст. Ин сафарҳо дар ташаккули ҷаҳонбинии ӯ ҳамчун маорифпарвар ва ислоҳотхоҳ нақши муҳиме бозиданд”*****?**

**A)** Шамсиддини Шоҳин

**B)** Камоли Хуҷандӣ

**C)** Садриддин Айнӣ

**D)** Аҳмади Дониш

**290** **Сухан дар бораи кӣ меравад: “ ...** ***аз соли 1875 ба навиштани шоҳасараш “Наводир-ул-вақоеъ” шуруъ намуда, онро пас аз 15 сол ба итмом расонид”*****?**

**A)** Аббос Алиев
**B)** Аҳмади Дониш
**C)** Шамсиддини Шоҳин
**D)** Садриддин Айнӣ

**291** **Садриддин Айнӣ дар бораи кадом ҳаракат навишта буд:** ***“Асбаски маслаки ин фирқа тараққию пешрафт ва роҳбаронашон ҷавонон ва ҷавонфикрон буданд, онҳо худро “ҷавонбухориён” меномиданд”*****?**

**A)** ҷадидия
**B)** мутлақиятхоҳӣ
**C)** маорифпарварӣ
**D)** машрутахоҳӣ

**292** **Сухан дар бораи кадом воқеа меравад:** ***“9-уми январи соли 1905 дар шаҳри Петербург бо якшанбеи хунин оғоз ёфта, ба зудӣ қариб тамоми сарзамини империяи Русия, аз он ҷумла Осиёи Марказиро низ фаро гирифт”*****?**

**A)** Инқилоби якуми рус
**B)** Инқилоби Бухоро
**C)** Инқилоби Феврал
**D)** Инқилоби Октябр

**293** **Сухан дар бораи кадом шӯриш меравад:** ***“Соли 1916 дар Қалъаи Лабиоб (Тоҷикободи ҳозира)-и бекигарии Қаротегин ба хуруҷи халқӣ мардикори мавсимӣ сарварӣ мекард”*****?**

**A)** Шӯриши Усмон
**B)** Шӯриши Қаландаршоҳ
**C)** Шӯриши Восеъ
**D)** Шӯриши Эшони Дӯкчӣ

**294** **Сухан дар бораи кадом воқеа меравад:** ***“Дар чор соли ҷанг, яъне то соли 1918, дар амалётҳои ҷангӣ беш аз 10 миллион нафар ҳалок ва зиёда аз 20 миллион нафар маҷруҳ гардиданд”*****?**

**A)** Ҷанги дуюми ҷаҳон
**B)** Ҷанги якуми ҷаҳон
**C)** Инқилоби Октябр
**D)** ҷанги Русия ва Ҷопон

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**295** **Андози давлатие, ки аз деҳқонони кишвари Туркистон ситонида мешуд.**

**A)** хироҷ

**B)** аминона

**C)** закот

**D)** оброк

**296** **Оброк чист?**

**A)** шакли заминдорӣ

**B)** қарзи бонкӣ

**C)** хоҷагии деҳқонӣ

**D)** андози давлатӣ

**297** **Дар кадом шаҳр** ***“18-уми майи соли 1898 халифа Мадалӣ бо як даста пайравонаш ба гарнизони русҳо ҳамла кард”*****?**

**A)** Андиҷон

**B)** Бухоро

**C)** Хуҷанд

**D)** Тошканд

**298** **Асосгузори ҳаракати маорифпарварӣ дар Осиёи Миёна кӣ буд?**

**A)** Садри Зиё

**B)** Садриддин Айнӣ

**C)** Аҳмади Дониш

**D)** Абдуқодир Шакурӣ

**299** **Якшанбеи хунин оғози кадом воқеа гардид?**

**A)** Инқилоби Бухоро

**B)** Инқилоби Октябр

**C)** Инқилоби Феврал

**D)** Инқилоби якуми рус

**300** **Ақидаҳои маорифпарварӣ, махсусан эҷодиёти Аҳмади Дониш, сарчашмаи ташаккули кадом ҳаракат гардида буд?**

**A)** марксистон

**B)** ҷадидон

**C)** машрутахоҳон

**D)** мутлақиятхоҳон

ДАР СОМОНАИ www.ntc.tj РОЙГОН!

**301** **Намояндагони кадом ҷараён мехостанд исломро ба талаботи рушди муносибатҳои сармоядорӣ мутобиқ гардонанд?**

**A)** марксистон

**B)** ҷадидон

**C)** мутлақиятхоҳон

**D)** машрутахоҳон

**302** **Кадом ҷараён мехост бо роҳи интишори адабиёти нав ва чопи рӯзномаю маҷаллаҳо аҳволи мардумро беҳтар намояд?**

**A)** ҷадидон

**B)** мутлақиятхоҳон

**C)** марксистон

**D)** машрутахоҳон

**303** **Моҳи январи соли 1910 кадом воқеа ба амал омад?**

**A)** Шӯриши Хуҷанд

**B)** Шӯриши Усмон

**C)** «Исёни вабо»

**D)** Фоҷиаи суннимазҳабон ва шиамазҳабон

**304** **Воқеа дар кадом шаҳр ба амал омада буд:** ***"22-юми январи соли 1910 кушокушӣ байни суннимазҳабон ва шиамазҳабон оғоз шуд. Ҳар ду тараф нисбат ба якдигар ваҳшонияти зиёде зоҳир намуданд"*****?**

**A)** Бухоро

**B)** Хуҷанд

**C)** Тошканд

**D)** Самарқанд

**305** **Сухан дар бораи кадом рӯзнома меравад:** ***"Рӯзномаи ... ягона минбари равшанфикрони тоҷик ба ҳисоб мерафт. Рӯзнома то 2-юми январи соли 1913 ҳамагӣ 153 шумора нашр гардид"*** **?**

**A)** "Тӯрон"

**B)** "Овози тоҷик"

**C)** "Бухорои Шариф"

**D)** "Туркестанские ведомости"

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**306** **Ноиби Раиси Думаи давлатии Русия А. Ф. Керенский дар бораи кадом воқеа гуфта буд: *“Ба фронтҳои ҷангӣ боз як фронти нав – “фронти Туркистон” илова гардид”*?**

**A)** Шӯриши миллию озодихоҳии соли 1916

**B)** Шӯриши Восеъ

**C)** хуруҷи халқӣ бо сарварии Қаландаршоҳ

**D)** аз байн бурдани ҳокимияти амир Олимхон

**307** **Кадом шӯриш дар Аморати Бухоро ба амал НАОМАДААСТ?**

**A)** Шӯриши Восеъ

**B)** Шӯриши Усмон

**C)** Шӯриши Қаландаршоҳ

**D)** Шӯриши миллию озодихоҳии Хуҷанд

**308** **Рӯзи 25-уми октябр (7-уми ноябр)-и соли 1917 ба кадом давлат асос гузошта шуд?**

**A)** Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро

**B)** ҶМШС Туркистон

**C)** Давлати Шуравӣ

**D)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Туркистон

**309** **Кадом давлат солҳои 1917-1991 вуҷуд дошт?**

**A)** ҶХШ Бухоро

**B)** Давлати Шуравӣ

**C)** ҶМШС Тоҷикистон

**D)** ҶМШС Туркистон

**310** **Солҳои мавҷудияти Давлати Шуравиро муайян кунед.**

**A)** 1917-1991

**B)** 1924-1929

**C)** 1920-1924

**D)** 1918-1924

**311** **Кадом давлат солҳои 1918-1924 вуҷуд дошт?**

**A)** ҶМШС Туркистон

**B)** ИҶШС

**C)** ҶХШ Бухоро

**D)** ҶМШС Тоҷикистон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**312** **Кадом давлат солҳои 1920-1924 вуҷуд дошт?**

**A)** ҶМШС Туркистон
**B)** ҶХШ Хоразм
**C)** ҶМШС Тоҷикистон
**D)** ИҶШС

**313** **Кадом давлат солҳои 1922-1991 вуҷуд дошт?**

**A)** ҶМШС Туркистон
**B)** ИҶШС
**C)** ҶХШ Бухоро
**D)** ҶМШС Тоҷикистон

**314** **Кадом ҷумҳурӣ солҳои 1924-1929 вуҷуд дошт?**

**A)** ҶМШС Тоҷикистон
**B)** ҶШС Тоҷикистон
**C)** ҶМШС Туркистон
**D)** ҶХШ Бухоро

**315** **“Диктатураи пролетариат” чист?**

**A)** иттифоқи синфи коргар ва деҳқон
**B)** давлати демократӣ
**C)** созиш бо низоми амирӣ
**D)** ҳокимияти номаҳдуди синфи коргар

**316** **Таҷовузи Колесов ба муқобили кадом давлат равона гардида буд?**

**A)** Хонии Қӯқанд
**B)** “Мухторияти Қӯқанд”
**C)** Хонии Хева
**D)** Аморати Бухоро

**317** **Аввалин давлати сотсиалистии Осиёи Марказиро муайян кунед.**

**A)** ҶМШС Туркистон
**B)** ҶХШ Бухоро
**C)** ҶХШ Хоразм
**D)** ҶМШС Тоҷикистон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**318** **Сегонаи ҳарбӣ-сиёсӣ дар кадом минтақа фаъолият дошт?**

**A)** Помир
**B)** Ҳисор
**C)** Фарғона
**D)** Тоҷикистони Шимолӣ

**319** **Солҳои мавҷудияти Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистонро муайян кунед.**

**A)** 1929-1991
**B)** 1918-1924
**C)** 1920-1924
**D)** 1917-1991

**320** **Кадом ҷумҳурӣ солҳои 1920-1924 вуҷуд дошт?**

**A)** ҶМШС Тоҷикистон
**B)** ҶМШС Туркистон
**C)** ҶХШ Бухоро
**D)** ИҶШС

**321** **Солҳои мавҷудияти Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразмро муайян кунед.**

**A)** 1917-1991
**B)** 1918-1924
**C)** 1920-1924
**D)** 1929-1991

**322** **Солҳои мавҷудияти Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухороро муайян кунед.**

**A)** 1920-1924
**B)** 1917-1991
**C)** 1929-1991
**D)** 1918-1924

**323** **Кадом воқеа 14-уми октябри соли 1924 ба амал омадааст?**

**A)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон ба ҳайати ИҶШС дохил шуд.
**B)** Қарори дар ҳайати ҶШС Ӯзбекистон ташкил додани Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон қабул гардид.
**C)** Қарор "Дар бораи тақсимоти миллии ҷумҳуриҳои Осиёи Миёна" тасдиқ шуд.
**D)** Қарори Анҷумани I муассисони умумибухороӣ дар бораи ташкил ёфтани Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро қабул гардид.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**324** **Ташкили коммунаҳо ба давраи амалӣ намудани кадом сиёсат хос буд?**

**A)** коммунизми ҳарбӣ
**B)** бозсозӣ
**C)** саноатикунонӣ
**D)** коллективонӣ

**325** **Ташкили колхозҳо ба давраи амалӣ намудани кадом сиёсат марбут аст?**

**A)** коллективонӣ
**B)** бозсозӣ
**C)** коммунизми ҳарбӣ
**D)** саноатикунонӣ

**326** **Ташкили совхозҳо ба давраи амалӣ намудани кадом сиёсат марбут аст?**

**A)** коллективонӣ
**B)** коммунизми ҳарбӣ
**C)** саноатикунонӣ
**D)** бозсозӣ

**327** **Кӣ аввалин Раиси Президиуми Кумитаи инқилобии ҶМШС Тоҷикистон буд?**

**A)** Нусратулло Махсум
**B)** Шириншо Шоҳтемур
**C)** Чинор Имомов
**D)** Файзулло Хоҷаев

**328** **Навори аввалини филмбардорони тоҷик чӣ ном дошт?**

**A)** "Омадани поезди аввалин"
**B)** "Тоҷикистони Шуравӣ"
**C)** "Марги судхӯр"
**D)** "Ленин дар Октябр"

**329** **Кадом воқеа аз рӯйи тартиби хронологӣ БАЪДТАР ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси ҶШС Тоҷикистон
**B)** таъсиси ҶМШС Туркистон
**C)** таъсиси ҶМШС Тоҷикистон
**D)** таъсиси ҶХШ Бухоро

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**330** **Солҳои 1924-1929 Тоҷикистон дар ҳайати кадом ҷумҳурӣ буд?**

**A)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистон
**B)** Ҷумҳурии Халқии Шуравии Хоразм
**C)** Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро
**D)** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон

**331** **Кадом ҷумҳурӣ солҳои 1929-1991 вуҷуд дошт?**

**A)** Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон
**B)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Туркистон
**C)** Ҷумҳурии Халқии Шуравии Бухоро
**D)** Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон

**332** **Алифбои лотинӣ кадом солҳо дар Тоҷикистон амал мекард?**

**A)** 1918-1924
**B)** 1920-1929
**C)** 1929-1939
**D)** 1941-1945

**333** **22-юми июни соли 1941 кадом воқеа ба амал омада буд?**

**A)** Муоҳидаи зиддикоминтерӣ ташкил ёфт.
**B)** Олмони фашистӣ ба Полша ҳамла намуд.
**C)** Ҷопон ба бандари низомии Пирл Харбор ҳамла намуд.
**D)** Олмони фашистӣ ба ИҶШС ҳуҷум кард.

**334** **"Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ" аз Тоҷикистон.**

**A)** Мирзо Турсунзода
**B)** Турсун Ӯлҷабоев
**C)** Шириншоҳ Шоҳтемур
**D)** Чутак Ӯрозов

**335** **"Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ" аз Тоҷикистон.**

**A)** Бобоҷон Ғафуров
**B)** Муҳаммад Осимӣ
**C)** Садриддин Айнӣ
**D)** Ҳайдар Қосимов

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**336** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Фатҳулло Аҳмадов
**B)** Шириншоҳ Шоҳтемур
**C)** Мирзо Турсунзода
**D)** Турсун Ӯлҷабоев

**337** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Нусратулло Махсум
**B)** Садриддин Айнӣ
**C)** Аҳмад Турдиев
**D)** Мирзо Турсунзода

**338** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Мирзо Турсунзода
**B)** Шириншоҳ Шоҳтемур
**C)** Турсун Ӯлҷабоев
**D)** Сафар Амиршоев

**339** **Аввалин “Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Нусратулло Махсум
**B)** Неъмат Қарабоев
**C)** Ҷаббор Расулов
**D)** Бобоҷон Ғафуров

**340** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Ҷаббор Расулов
**B)** Бобоҷон Ғафуров
**C)** Нусратулло Махсум
**D)** Домулло Азизов

**341** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Бобоҷон Ғафуров
**B)** Мирзо Турсунзода
**C)** Исмоил Ҳамзаалиев
**D)** Садриддин Айнӣ

Дар сомона: www.ntc.tj РОЙГОН!

**342** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Неъмат Қарабоев
**B)** Нусратулло Махсум
**C)** Бобоҷон Ғафуров
**D)** Ҷаббор Расулов

**343** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Садриддин Айнӣ
**B)** Мухаммад Осимӣ
**C)** Бобоҷон Ғафуров
**D)** Саидқул Турдиев

**344** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Садриддин Айнӣ
**B)** Тӯйчӣ Эрйигитов
**C)** Бобоҷон Ғафуров
**D)** Муҳаммад Осимӣ

**345** **“Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” аз Тоҷикистон.**

**A)** Ҷаббор Расулов
**B)** Ҳодӣ Кенҷаев
**C)** Нусратулло Махсум
**D)** Бобоҷон Ғафуров

**346** **Кадом фарзанди Тоҷикистон дар корнамоии “хонаи Павлов”-и Сталинград иштирок кардааст?**

**A)** Аҳмад Турдиев
**B)** Неъмат Қарабоев
**C)** Чутак Ӯрозов
**D)** Муҳаммад Иброҳимов

**347** **Исмоил Ҳамзаалиев ва Ҳодӣ Кенҷаев барои корнамоӣ дар кадом муҳориба сазовори унвони “Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ” гардиданд?**

**A)** назди Москва
**B)** Днепр
**C)** Курск
**D)** мудофиаи Ленинград

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**348** **Кадом ҷанговари тоҷик дар муҳорибаи Сталинград қаҳрамонӣ нишон дод?**

**A)** Неъмат Қарабоев
**B)** Ҳодӣ Кенҷаев
**C)** Тӯйчӣ Эрйигитов
**D)** Аҳмад Турдиев

**349** **Кадом тоҷикписар дар муҳорибаи озод кардани Наздибалтика каҳрамонӣ нишон дод?**

**A)** Тӯйчӣ Эрйигитов
**B)** Неъмат Қарабоев
**C)** Аҳмад Турдиев
**D)** Сафар Амиршоев

**350** **Кадом воқеа ба Ҷанги Бузурги Ватанӣ хотима бахшид?**

**A)** ғалабаи пурраи халқи шуравӣ бар Олмони фашистӣ
**B)** имзо намудани Акти бечунучарои таслимшавии Ҷопон
**C)** гузаронидани Паради Ғалаба дар Майдони сурхи Москва
**D)** саршавии ҷанги ИҶШС ба муқобили Ҷопон

**351** **Садриддин Айнӣ кадом асаращро дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ таълиф намудааст?**

**A)** “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”
**B)** “Намунаи адабиёти тоҷик”
**C)** “Дохунда”
**D)** “Ёддоштҳо”

**352** **Сухан дар бораи кадом марҳилаи таърихӣ меравад:** ***“Таърихчиён дар мавзуъҳои ватанпарвариию қаҳрамонӣ асарҳо эҷод карданд. Асарҳои С. Айнӣ “Исёни Муқаннаъ” ва “Қаҳрамони халқи тоҷик Темурмалик”, Б. Ғафуров ва Н. Прохоров “Халқи тоҷик дар мубориза барои озодӣ ва истиқлолияти ватани худ” аз чоп баромаданд”*****?**

**A)** барпо кардани Ҳокимияти Шуравӣ дар Тоҷикистон
**B)** Ҷанги Бузурги Ватанӣ
**C)** азнавбарқароркунии баъдиҷангӣ
**D)** мубориза бар зидди таъқиботи сталинӣ

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**353** **Дар солҳои истиқрори баъдиҷангӣ (1946-1950) кӣ роҳбари Тоҷикистон буд?**

**A)** Турсун Ӯлҷабоев

**B)** Каҳҳор Маҳкамов

**C)** Нусратулло Махсум

**D)** Бобоҷон Ғафуров

**354** **Кадом воқеа дар солҳои роҳбарии Бобоҷон Ғафуров ба амал омада буд?**

**A)** таҷлили 10-солагии ғалаба бар фашизм

**B)** таъсиси Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон ба номи Т.Г. Шевченко

**C)** таъсиси ҷамъияти "Маҳви бесаводӣ"

**D)** ба кор даромадани аввалин агрегати НБО Роғун

**355** **Дар ин давра кӣ роҳбари Тоҷикистон буд: *"Ҳокимияти Шуравӣ дар бораи бекор намудани тартиби карточкагӣ ба молҳои саноатӣ ва хӯрокворӣ қарор қабул намуд"*?**

**A)** Бобоҷон Ғафуров

**B)** Қаҳҳор Маҳкамов

**C)** Ҷаббор Расулов

**D)** Раҳмон Набиев

**356** **Кадом воқеа дар солҳои роҳбарии Турсун Ӯлҷабоев ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**B)** таъсиси "Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон"

**C)** ба кор оғоз намудани студияи телевизионӣ дар Душанбе

**D)** ба кор даромадани аввалин агрегати НБО Норак

**357** **Кадом воқеа дар солҳои роҳбарии Турсун Ӯлҷабоев ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

**B)** ба кор даромадани аввалин агрегати НБО Роғун

**C)** оғози сохтмони НБО Норак

**D)** таъсиси "Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон"

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**358** **Кадом воқеа дар солҳои роҳбарии Турсун Ӯлҷабоев ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси “Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон”

**B)** таъсиси Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон

**C)** ҷашн гирифтани 1100-солагии Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ

**D)** ба кор даромадани аввалин агрегати НБО Норак

**359** **Сухан дар бораи кадом ходими сиёсӣ меравад:** ***“Маҳз дар тули солҳои 1956-1961 ӯ ҳамчун донандаи хуби ҳаёти иқтисодӣ ба сохтмони корхонаҳои калони саноатӣ эътибор дод”?***

**A)** Ҷаббор Расулов

**B)** Раҳмон Набиев

**C)** Турсун Ӯлҷабоев

**D)** Бобоҷон Ғафуров

**360** **Сухан дар бораи кадом ходими сиёсӣ меравад:** ***“Дар натиҷаи кӯшиши зиёд ва серталабии ӯ 50 ҳазор гектар замин гирифта шуда, дар заминаи он ноҳияи Зафаробод ташкил ёфт”?***

**A)** Ҷаббор Расулов

**B)** Раҳмон Набиев

**C)** Турсун Ӯлҷабоев

**D)** Бобоҷон Ғафуров

**361** **Аввалин Президенти Академияи илмҳои Тоҷикистонро муайян кунед.**

**A)** Бобоҷон Ғафуров

**B)** Садриддин Айнӣ

**C)** Абулқосим Лоҳутӣ

**D)** Мирзо Турсунзода

**362** **Кадом масъала дар Анҷумани ХХ ҲКИШ муҳокима гардид?**

**A)** саноатикунонии мамлакат

**B)** инкишофи пахтакорӣ

**C)** барқароркунии баъдиҷангӣ

**D)** парастиши шахсияти Сталин

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**363** **Давоми дурусти ҷумлаи зеринро муайян намоед:** ***Дар солҳои 50-уми асри гузашта дар Тоҷикистон ...***

**A)** НБО “Дӯстии халқҳо” дар Қайроқум сохта шуд.

**B)** коллективонидани хоҷагии қишлоқ анҷом ёфт.

**C)** сохтмони корхонаи арзизи Тоҷикистон ба охир расид.

**D)** мактабҳои маҳви бесаводӣ ташкил ёфтанд.

**364** **Кадом воқеа то эълони истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омадааст?**

**A)** ба истифода додани НБО Сангтӯда-1

**B)** оғози сохтмони шоҳроҳи автомобилгарди Мурғоб – Кулма – Қароқурум

**C)** кушода шудани нақби Истиқлол

**D)** ба истифода додани заводи нуриҳои азотии Вахш

**365** **Киро ситораи балети тоҷик ном мебурданд?**

**A)** Ойгул Муҳаммадҷонова

**B)** Тӯҳфа Фозилова

**C)** София Тӯйбоева

**D)** Малика Собирова

**366** **Кадом воқеа дар солҳои роҳбарии Ҷаббор Расулов ба амал омада буд?**

**A)** ба кор даромадани НБО Норак

**B)** таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён

**C)** таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ

**D)** таъсиси ҷамъияти “Дониш”

**367** **Кадом воқеа дар солҳои роҳбарии Ҷаббор Расулов ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи Исмоили Сомонӣ

**B)** оғози Ҷанги Бузурги ватанӣ

**C)** таъсиси Ҷоизаи давлатии ба номи Абуалӣ ибни Сино

**D)** имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон”

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**368** **Кадом воқеа дар солҳои роҳбарии Ҷаббор Расулов ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ
**B)** ба кор даромадани нақби Шаҳристон
**C)** имзои “Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон”
**D)** таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён

**369** **Бо талошу муборизаҳои кадом қишри ҷомеа забони тоҷикӣ мақоми давлатӣ гирифт?**

**A)** руҳониён
**B)** зиёиён
**C)** низомиён
**D)** коргарон

**370** **Сухан дар бораи кадом сиёсат меравад:** ***“Роҳ ёфтани гуногунандешӣ дар ҷомеаи шуравӣ асосан ба туфайли сиёсати ... дар нимаи дуюми солҳои ҳаштодуми асри сипаригашта оғоз гардида буд”*****?**

**A)** коллективонӣ
**B)** милликунонӣ
**C)** бозсозӣ
**D)** коммунизми ҳарбӣ

**371** **Сухан дар бораи кӣ меравад:** ***“Талаби асосии онҳо қабули Қонун дар бораи мақоми давлатӣ додан ба забони тоҷикӣ буд”*****?**

**A)** руҳониён
**B)** зиёиён
**C)** низомиён
**D)** коргарон

**372** **22-юми июли соли 1989 кадом воқеа дар Тоҷикистон ба амал омад?**

**A)** Эъломияи истиқлолияти Тоҷикистон қабул гардид.
**B)** Қонун “Дар бораи маориф” қабул гардид.
**C)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.
**D)** Қонун “Дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ” қабул гардид.

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**373** **Қарор *"Дар бораи эълон шудани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон"* аз ҷониби кадом мақомоти ҳокимият қабул гардид?**

**A)** Маҷлиси Миллӣ

**B)** Шурои Олӣ

**C)** Суди конститутсионӣ

**D)** Президент

**374** **Сухан дар бораи кадом созмон меравад: "*8-уми декабри соли 1991 дар Беловежск сарварони Русия Б. Н. Елтсин, Белорус С. С. Шушкевич ва Украина Л. М. Кравчук ҷамъ омада, дар бораи таъсиси ... созишнома имзо карданд*"?**

**A)** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**B)** Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

**C)** Созмони Ҳамкориҳои Шанхай

**D)** Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо

**375** **Ин воқеа чӣ пайомад дошт: "*Дар Беловежск сарварони Русия Б. Н. Елтсин, Белорус С. С. Шушкевич ва Украина Л. М. Кравчук ҷамъ омада, дар бораи таъсиси Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил созишнома имзо карданд*"?**

**A)** Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон таъсис ёфт.

**B)** ИҶШС ҳамчун субъекти ҳуқуқи байналмилалӣ аз байн рафт.

**C)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.

**D)** Эъломия дар бораи истиқлолияти ҶШС Тоҷикистон қабул шуд.

**376** **Пайомади созишномаи Беловежскро муайян кунед.**

**A)** оғози сиёсати бозсозӣ

**B)** аз байн рафтани ИҶШС

**C)** ба сари қудрат омадани М.С. Горбачёв

**D)** маҳкум карда шудани шахспарастӣ

**377** **Пайомади заволи ИҶШС-ро муайян кунед.**

**A)** таъсиси Итиҳоди Давлатҳои Мустақил

**B)** оғози сиёсати бозсозӣ

**C)** ба сари қудрат омадани М.С. Горбачёв

**D)** маҳкум кардани шахспарастӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**378** **Пайомади созишномаи Беловежскро муайян кунед.**

**A)** оғоз гардидани сиёсати бозсозӣ
**B)** таъсиси Итиҳоди Давлатҳои Мустақил
**C)** ба сари қудрат омадани М.С. Горбачёв
**D)** маҳкум карда шудани шахспарастӣ

**379** **Давоми дурусти ҷумларо муайян кунед:** ***16-уми ноябри соли 1992 ...***

**A)** Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ оғоз гардид.
**B)** Тоҷикистон аъзои СММ гардид.
**C)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.
**D)** "Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон" имзо шуд.

**380** **Воқеаи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кунед.**

**A)** интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**B)** қабули қарор дар бораи таъсиси Артиши миллии Тоҷикистон
**C)** интихоби Раҳмон Набиев ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** узви Созмони Милали Муттаҳид гардидани Тоҷикистон

**381** **Воқеаи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кунед.**

**A)** узви Созмони Милали Муттаҳид гардидани Тоҷикистон
**B)** интихоби Раҳмон Набиев ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**C)** қабули Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии ҶШС Тоҷикистон
**D)** қабули қарор дар бораи авфи умумӣ

**382** **Воқеаи Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян кунед.**

**A)** интихоби Раҳмон Набиев ба вазифаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
**B)** қабули Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии ҶШС Тоҷикистон
**C)** қабули Парчами давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
**D)** узви Созмони Милали Муттаҳид гардидани Тоҷикистон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**383** **Ислоҳоти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ибтидои асри XXI бо номи кадом арбоби сиёсӣ алоқаманд аст?**

**A)** Қаҳҳор Маҳкамов
**B)** Эмомалӣ Раҳмон
**C)** Раҳмон Набиев
**D)** Ҷаббор Расулов

**384** **Кадом давлат ташаббускори гузаронидани Даҳсолаи байналмилалии амалиёти "Об барои ҳаёт" аст?**

**A)** Қазоқистон
**B)** Туркманистон
**C)** Тоҷикистон
**D)** Ӯзбекистон

**385** **Кадом воқеа дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба амал омадааст?**

**A)** ба истифода додани аввалин агрегати НБО Роғун
**B)** таъсиси Китобхонаи ҷумҳуриявии ба номи Абулқосими Фирдавсӣ
**C)** кушода шудани Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов
**D)** таъсиси ҷамъияти "Дониш"

**386** **Кадом воқеа дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба амал омада буд?**

**A)** таъсиси Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон
**B)** узви Ташкилоти Умумиҷаҳонии Савдо гардидани Тоҷикистон
**C)** кушода шудани Театри давлатии ҷавонон ба номи М. Воҳидов
**D)** оғози сиёсати бозсозӣ дар Тоҷикистон

**387** **Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба қабули кадом ҳуҷҷати таърихӣ марбут аст?**

**A)** "Созишномаи умумиии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон"
**B)** Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
**C)** Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ"
**D)** Эъломия дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**388** **Кадом воқеа соли 1999 ба амал омада буд?**

**A)** ба кор даромадани нақби Шаҳристон
**B)** узви Созмони Умумиҷаҳонии Савдо гардидани Тоҷикистон
**C)** ҷашни байналмилалӣ эълон гардидани Наврӯз
**D)** таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**389** **Соли 2001 ба кадом созмон асос гузошта шуд?**

A) Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

B) Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

C) Созмони Ҳамкории Шанхай

D) Созмони Милали Муттаҳид

**390** **Соли 2004 Ҷоизаи байналмилалии "Шаҳри Сулҳ" ба кадом шаҳр супорида шуд?**

A) Хоруғ

B) Душанбе

C) Кӯлоб

D) Хуҷанд

**391** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 27-уми июн кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

A) Рӯзи Истиқлоли давлатӣ

B) Рӯзи ваҳдати миллӣ

C) Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги ватанӣ

D) Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳ

**392** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми сентябр кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

A) Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳ

B) Рӯзи Истиқлоли давлатӣ

C) Рӯзи Ваҳдати миллӣ

D) Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**393** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми феврал кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

A) Рӯзи Истиқлоли давлатӣ

B) Рӯзи Ваҳдати миллӣ

C) Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ

D) Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳ

**394** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 16-уми ноябр кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

A) Рӯзи Парчами давлатӣ

B) Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон

C) Рӯзи Президент

D) Рӯзи Истиқлоли давлатӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**395** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 9-уми май кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Ваҳдати миллӣ
**B)** Рӯзи Қувваҳои мусаллаҳ
**C)** Рӯзи Истиқлоли давлатӣ
**D)** Рӯзи Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ

**396** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 1-уми май кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Президент
**B)** Рӯзи байналмилалии якдилии меҳнаткашон
**C)** Рӯзи Истиқлоли давлатӣ
**D)** Рӯзи Парчами давлатӣ

**397** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 5-уми октябр кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Забони давлатӣ
**B)** Рӯзи Истиқлолият
**C)** Рӯзи Конститутсия
**D)** Рӯзи Парчами давлатӣ

**398** **Ҳамасола 24-уми ноябр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Артиши миллӣ
**B)** Рӯзи Парчами давлатӣ
**C)** Рӯзи Истиқлолият
**D)** Рӯзи Ваҳдати миллӣ

**399** **Ҳамасола дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 11-уми март кадом ҷашн таҷлил мегардад?**

**A)** Рӯзи Парчами давлатӣ
**B)** Рӯзи Конститутсия
**C)** Рӯзи Забони давлатӣ
**D)** Рӯзи матбуот

**400** **Соли 1991 Тоҷикистон узви ... гардид.**

**A)** Созмони Милали Муттаҳид
**B)** Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ
**C)** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
**D)** Созмони Ҳамкории Шанхай

Ройгон! Дар сомонаи www.ntc.tj

**401** **Ҷумҳурии Тоҷикистон узви кадом ташкилот аст?**

**A)** Созмони Ҳамкории Шанхай
**B)** Созмони Кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ (АСЕАН)
**C)** Созмони Муоҳидаи Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)
**D)** Иттиҳоди Аврупо

**402** **2-юми марти соли 1992 Тоҷикистон узви … гардид.**

**A)** Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил
**B)** Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ
**C)** Созмони Ҳамкории Шанхай
**D)** Созмони Милали Муттаҳид

**403** **“Қаҳрамони Тоҷикистон”-ро муайян кунед.**

**A)** Гавҳар Пиракова
**B)** Турсуной Охунова
**C)** Бобоҷон Ғафуров
**D)** Неъмат Қарабоев

**404** **“Қаҳрамони Тоҷикистон”-ро муайян кунед.**

**A)** Неъмат Қарабоев
**B)** Садриддин Айнӣ
**C)** Гавҳар Пиракова
**D)** Турсуной Охунова

**405** **“Қаҳрамони Тоҷикистон”-ро муайян кунед.**

**A)** Гавҳар Пиракова
**B)** Турсуной Охунова
**C)** Неъмат Қарабоев
**D)** Мирзо Турсунзода

**406** **“Қаҳрамони Тоҷикистон”-ро муайян кунед.**

**A)** Неъмат Қарабоев
**B)** Домулло Азизов
**C)** Сафар Амиршоев
**D)** Эмомалӣ Раҳмон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**407** **«Қаҳрамони Тоҷикистон”-ро муайян кунед.**

**A)** Гавҳар Пиракова
**B)** Неъмат Қарабоев
**C)** Турсуной Охунова
**D)** Шириншоҳ Шоҳтемур

**408** **“Қаҳрамони Тоҷикистон”-ро муайян кунед.**

**A)** Домулло Азизов
**B)** Неъмат Қарабоев
**C)** Сафар Амиршоев
**D)** Нусратулло Махсум

## ТАЪРИХИ УМУМӢ

**409** **Фиръавн унвони шоҳони кадом давлат буд?**

**A)** Бобул
**B)** Мисри Қадим
**C)** Чини Қадим
**D)** Форси Қадим

**410** **Аҳроми калонтарини дунё Хеопс дар кадом давлат сохта шуда буд?**

**A)** Ҳиндустони Қадим
**B)** Мисри Қадим
**C)** Чини Қадим
**D)** Форси Қадим

**411** **Харобаҳои шаҳри қадимаи Хараппа дар кадом давлат пайдо карда шуд?**

**A)** Чин
**B)** Миср
**C)** Эрон
**D)** Ҳиндустон

**412** **Сохти кастагӣ дар кадом давлат пайдо шуда буд?**

**A)** Ҳахоманишиён
**B)** Мисри Қадим
**C)** Бобул
**D)** Ҳиндустони Қадим

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**413** **Табақаи иҷтимоӣ дар Ҳинди Қадим.**

**A)** номархҳо
**B)** демос
**C)** аустриюшон
**D)** каста

**414** **Забон ва хатти қадими ҳиндӣ.**

**A)** санскрит
**B)** лотинӣ
**C)** финикӣ
**D)** оромӣ

**415** **Ибодатгоҳи дини буддоӣ.**

**A)** дахма
**B)** оташкада
**C)** дайр
**D)** масҷид

**416** **Ибодатгоҳи насрониён.**

**A)** масҷид
**B)** калисо
**C)** оташкада
**D)** дахма

**417** **Хаммурапи ҳокими кадом кишвар буд?**

**A)** Ҳиндустони Қадим
**B)** Бобул
**C)** Афина
**D)** Чини Қадим

**418** **Асари "Илиада"-и Ҳомер ба кадом мавзуъ бахшида шудааст?**

**A)** саргузашти Одиссей
**B)** рушди давлати Афина
**C)** ҷангҳои Троя
**D)** ҷангҳои Юнону Форс

РОЙГОН!
Дар сомонаи www.ntc.tj

**419** **Мутафаккири Юнони Қадим.**

**A)** Суқрот
**B)** Конфутсий
**C)** Гаутама
**D)** Ситсерон

**420** **Мутафаккири Юнони Қадим.**

**A)** Ситсерон
**B)** Конфутсий
**C)** Афлотун
**D)** Гаутама

**421** **Ҳеродот муаллифи кадом асар аст?**

**A)** “Давлат”
**B)** “Сиёсат”
**C)** “Метафизика”
**D)** “Таърих”

**422** **Мутафаккири Руми Қадим.**

**A)** Ситсерон
**B)** Гаутама
**C)** Суқрот
**D)** Конфутсий

**423** **Юлий Сезар арбоби давлатии кадом давлат буд?**

**A)** Юнони Қадим
**B)** Руми Қадим
**C)** Чини Қадим
**D)** Мисри Қадим

**424** **Ҷангҳои гладиаторӣ дар кадом давлат ташкил карда мешуд?**

**A)** Империяи Рум
**B)** Чини Қадим
**C)** Бобулистон
**D)** Мисри Қадим

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**425 Ҷангҳои байни Рум ва Карфаген дар таърих бо кадом ном маълум аст?**

**A)** Ҷангҳои салибӣ

**B)** Ҷангҳои афюнӣ

**C)** Ҷанги садсола

**D)** Ҷангҳои Пунӣ

**426 Амфитеатри Колизей дар ҳудуди кадом давлат ҷойгир аст?**

**A)** Ҳиндустон

**B)** Миср

**C)** Чин

**D)** Италиё

**427 Баъди марги Искандари Мақдунӣ дар Миср кадом сулола сари қудрат омад?**

**A)** Селевкиён

**B)** Птоломейҳо

**C)** Ашкониён

**D)** Аргосҳо

**428 Спартак кӣ буд?**

**A)** сарлашкари Карфаген

**B)** вазири Салҷуқиён

**C)** императори Рум

**D)** сардори шӯриш

**429 Шӯриши Спартак дар кадом давлат ба амал омада буд?**

**A)** Мисри Қадим

**B)** Империяи Рум

**C)** Чини Қадим

**D)** Бобулистон

**430 Маҷлиси халқиро дар Руси Киев чӣ меномиданд?**

**A)** сейм

**B)** вече

**C)** съезд

**D)** курултой

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**431** **Княз унвони ҳокимони кадом давлат буд?**

**A)** Туркияи Усмонӣ
**B)** Мисри Қадим
**C)** Руси Киев
**D)** Чини Қадим

**432** **Анҷумани ашрофони қабилаҳои муғул.**

**A)** сейм
**B)** вече
**C)** қурултой
**D)** ёсо

**433** **Ҳокими Туркияи Усмонӣ чӣ унвон дошт?**

**A)** амир
**B)** фиръавн
**C)** султон
**D)** хон

**434** **Ҷамъияте, ки дар он ду синф — заминдор ва деҳқон бартарӣ дорад.**

**A)** ғуломдорӣ
**B)** сотсиалистӣ
**C)** ибтидоӣ
**D)** феодалӣ

**435** **Ҷамъияте, ки дар он муносибатҳои молумулкӣ бартарӣ доранд.**

**A)** ибтидоӣ
**B)** ғуломдорӣ
**C)** феодалӣ
**D)** капиталистӣ

**436** **Ҷамъияте, ки бар ҳокимияти номаҳдуди синфи коргар бунёд ёфта буд.**

**A)** феодалӣ
**B)** ибтидоӣ
**C)** сотсиалистӣ
**D)** ғуломдорӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**437** **Ҳоқонати Турк дар кадом ҳудуди ҷуғрофӣ таъсис ёфта буд?**

**A)** Осиёи Хурд
**B)** Муғулистон ва Олтой
**C)** Аврупои Шарқӣ
**D)** Мовароуннаҳр

**438** **Созишномаи Верден дар соли 843 ба пароканда шудани кадом давлат оварда расонид?**

**A)** Византия
**B)** Руси Киев
**C)** империяи Франкҳо
**D)** империяи шарқии Рум

**439** **Сулолаи Сафавиён дар куҷо ҳукумронӣ карда буд?**

**A)** Туркия
**B)** Чин
**C)** Эрон
**D)** Ҳиндустон

**440** **Аввалин канслери империяи Олмон.**

**A)** Леополд
**B)** Вилгелми II
**C)** Отто Бисмарк
**D)** Наполеон Бонапарт

**441** **Отто Бисмарк сиёсатмадори кадом давлат буд?**

**A)** Британияи Кабир
**B)** Русияи Подшоҳӣ
**C)** Олмон
**D)** Фаронса

**442** **Рейхстаг мақоми олии намояндагии кадом давлат буд?**

**A)** империяи Британияи Кабир
**B)** шоҳигарии Нидерландия
**C)** империяи Олмон
**D)** империяи Русия

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**443** **Мақоми олии намояндагии империяи Олмонро муайян кунед.**

**A)** Рейхстаг

**B)** Сейм

**C)** Луи Ҷирга

**D)** Маҷлиси Федералӣ

**444** **Дар Англия чиро “тред-юнион” мегуфтанд?**

**A)** ҳаракати коргарӣ

**B)** қувваҳои мусаллаҳ

**C)** парлумон

**D)** иттифоқҳои касаба

**445** **Забти Мексика ба номи кӣ марбут аст?**

**A)** Магеллан

**B)** Христофор Колумб

**C)** Кортес

**D)** Бартоломео Диас

**446** **Ҷорҷ Вашингтон ходими сиёсии кадом давлат буд?**

**A)** Англия

**B)** Русия

**C)** ИМА

**D)** Фаронса

**447** **Оливер Кромвел иштирокчиии фаъоли инқилоби буржуазии … буд.**

**A)** Олмон

**B)** Италия

**C)** Англия

**D)** Фаронса

**448** **Ҷанги садсола байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** ИМА ва Ҷопон

**B)** Испания ва Италия

**C)** Англия ва Фаронса

**D)** Русия ва Олмон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**449** **Ҷанги Шимолӣ (1700-1721) байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** Англия ва Фаронса

**B)** ИМА ва Ҷопон

**C)** Шветсия ва Русия

**D)** Ирон ва Ироқ

**450** **Ҷанги Қрим байни кадом давлатҳо ба амал омада буд?**

**A)** Олмон ва Полша

**B)** Русия ва Туркия

**C)** Англия ва Фаронса

**D)** Ироқ ва Эрон

**451** **Кадом давлатро "устохонаи ҷаҳон" ном мебурданд?**

**A)** Олмон

**B)** Италия

**C)** Австро-Венгрия

**D)** Англия

**452** **Соли 1878 Созишномаи сулҳи Сан-Стефано байни кадом давлатҳо баста шуд?**

**A)** Англия ва Русия

**B)** Чин ва Ҷопон

**C)** Пруссия ва Фаронса

**D)** Русия ва Туркия

**453** **Микроскопро кадом олим кашф кардааст?**

**A)** Н.И. Лабочевский

**B)** А. Ливенгук

**C)** А. Эйнштейн

**D)** В. Г. Рентген

**454** **Асосгузори геометрияи "ғайриевклидӣ".**

**A)** Н.И. Лобачевский

**B)** А. Ливенгук

**C)** А. Эйнштейн

**D)** В. Г. Рентген

Дар сомонаи www.ntc.tj РОЙГОН!

**455** **Назарияи нисбиятро кадом олим кашф кардааст?**

**A)** В. Г. Рентген
**B)** Н.И. Лобачевский
**C)** А. Эйнштейн
**D)** А. Ливенгук

**456** **Дастгоҳи чопи китобро кӣ ихтироъ кардааст?**

**A)** Исаак Нютон
**B)** Чарлз Дарвин
**C)** Иоганн Гуттенберг
**D)** Дмитрий Менделеев

**457** **"Шуои икс (x)"-ро кадом олим кашф кардааст?**

**A)** Н.И. Лабочевский
**B)** А. Ливенгук
**C)** В. Г. Рентген
**D)** А. Эйнштейн

**458** **Қонуни ҷозибаи умумиҷаҳониро кадом олим кашф кардааст?**

**A)** Исаак  Нютон
**B)** Иоганн Гуттенберг
**C)** Чарлз Дарвин
**D)** Дмитрий Менделеев

**459** **Назарияи эволюционии пайдоиши одамро кадом олим пешниҳод карда буд?**

**A)** Чарлз Дарвин
**B)** Исаак  Нютон
**C)** Дмитрий Менделеев
**D)** Иоганн Гуттенберг

**460** **Кашшофи қитъаи Амрико.**

**A)** Чарлз Дарвин
**B)** Христофор Колумб
**C)** Иоганн Гуттенберг
**D)** Исаак  Нютон

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**461** **Ихтирои телефон ба номи кадом олимон марбут аст?**

**A)** И. Гуттенберг ва Х. Колумб
**B)** И. Нютон ва Ч. Дарвин
**C)** А.Б. Белл ва И. Грей
**D)** Д. Менделеев ва М. Ломоносов

**462** **Кадом давлатҳо “Иттифоқи сегона”-ро ташкил доданд?**

**A)** ИМА, Исроил ва Миср
**B)** Италия, Олмон ва Австро-Венгрия
**C)** Англия, Фаронса ва Русия
**D)** Сербия, Булғория ва Черногория

**463** **Кадом давлатҳо иттифоқи “Антанта”-ро ташкил доданд?**

**A)** Русия ва Чин
**B)** Италия, Олмон ва Австро-Венгрия
**C)** ИМА ва Иттиҳоди Аврупо
**D)** Англия ва Фаронса

**464** **“Иттифоқи Балкан” соли 1912 бар зидди кадом давлат таъсис ёфта буд?**

**A)** ИМА
**B)** Русия
**C)** Фаронса
**D)** Туркия

**465** **“Антанта” чӣ гуна ташкилот буд?**

**A)** ҳарбӣ
**B)** тиҷоратӣ
**C)** иқтисодӣ
**D)** сиёсӣ

**466** **“Иттифоқи сегона” чӣ гуна ташкилот буд?**

**A)** тиҷоратӣ
**B)** сиёсӣ
**C)** ҳарбӣ
**D)** иқтисодӣ

РОЙГОН! Дар сомонаи www.ntc.tj

**467** **Дар нимаи дуюми асри XIX дар Олмон баъд аз император кӣ шахси якум дониста мешуд?**

**A)** Штатгалтер
**B)** Раиси Рейхстаг
**C)** Канслер
**D)** Сарфармондеҳи артиш

**468** **Дар кадом ҷанг давлатҳои узви созмонҳои “Антанта” ва “Иттиҳоди Сегона” иштирок карданд?**

**A)** Ҷанги Бузурги Ватанӣ
**B)** Ҷанги якуми ҷаҳон
**C)** “Ҷанги сард”
**D)** Ҷанги дуюми ҷаҳон

**469** **Кушта шудани ворисӣ тахти Австро-Венгрия Франс Фердинанд баҳонаи оғози кадом ҷанг гардид?**

**A)** Ҷанги Бузурги Ватанӣ
**B)** Ҷанги дуюми ҷаҳон
**C)** Ҷанги якуми ҷаҳон
**D)** Ҷанги Ватанӣ

